ISSN 2218-1814

# ГУЗОРИШҲОИ
## АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОКЛАДЫ
## ТАДЖИКСКОЙ АКАДЕМИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК

№ 1 (67) 2021

# REPORTS
## OF THE TAJIK ACADEMY OF AGRICULTURAL SCIENCES

Душанбе

# ГУЗОРИШҲОИ АИКТ

Нашрияи Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Маҷаллаи илмӣ
Соли 1997 таъсис ёфтааст
Ҳар се моҳ чоп мешавад

Мувофиқи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷаллаи «Гузоришҳои АИКТ» («Доклады ТАСХН») ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои илмии тақризӣ, ки КОА барои интишори натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия медиҳад, дохил карда шуда, аз 29.09.2018, №7 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.01.1997, №387 ба қайд гирифта шудааст. Санаҳои азнавбақайдгирӣ аз 25.06.2009, № 0096, аз 26.06.2015, № 0096/ЖР ва аз 12.06.2018, № 074/ЖР-97.

**Мавзӯъҳои маҷалла**
Илмҳои кишоварзӣ - 06.00.00
(раванди афзалиятнок)
Илмҳои техникӣ - 05.00.00
Илмҳои иқтисодӣ - 08.00.00

**Муассис**
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

**Нишонии маҷалла:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
734025, хиёбони Рӯдакӣ, 21а, АИКТ

Тел.: (+99237) 221-70-04, 227-70-77

Индекси обуна: 77692

E-mail:aikt91@mail.ru; taskhn@mail.ru

Веб-саҳифа:www.taas.tj

**САРМУҲАРРИР**
Асозода Н.М. – президенти АИКТ,
академики АИКТ, д.и.к.

**МУОВИНОНИ САРМУҲАРРИР**
Комилзода Д.Қ.- академики АИКТ, д.и.к.
Амиршоев Ф.С. – д.и.б.

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
Аҳмадов Ҳ.М. - академики АИКТ, д.и.к.
Ахмедов Т.А. - академики АИКТ, д.и.к.
Буходуров Ш.Б. – д.и.т.
Бухориев Т.А. - академики АИКТ, д.и.к.
Гафаров А.А. – д.и.т.
Иргашев Т.А. - д.и.к.
Икромов Ф.М. – н.и.к.
Маҳмудов К.Б. - н.и.в.
Мирзоев Д.М. - академики АИКТ,
д.и.в., профессор.
Мирсаидов А.Б. - д.и.и.
Набиев Т.Н. - академики АИКТ,
д.и.к., профессор.
Назиров Ҳ.Н. - д.и.к.
Одинаев Ш.Т. – н.и.и.
Пиризода Ҷ.С. - академики АИКТ,
д.и.и., профессор.
Раҳимов Ш.Т. - д.и.к.
Сафаров М. – н.и.т.

**ШӮРОИ ТАҲРИРИЯ**
Алтухов А.И. - академики АИР, д.и.и.
Багиров В.А. - аъзои вобастаи АИР,
д.и.б.
Девришев Д.А. - аъзои вобастаи АИР,
д.и.б.
Драгавсев В.А. - академики АИР,
д.и.б., профессор.
Огнев О.Г. - д.и.т., проф.
Сатторӣ И. - академики АИКТ,
д.и.в., профессор.
Фелалиев А.С. - академики АМИТ,
д.и.б.

**Котиби масъул** - Ниъматов М.М., н.и.к.
**Муҳаррир** – Касаткина Н.К.

**© Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, 2021**

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
Асозода Н.М. – президент ТАСХН, академик ТАСХН, д. с.-х. н.

**ЗАМЕСТИТЕЛИ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА**
Комилзода Д.К. - академик ТАСХН, д. с.-х. н.
Амиршоев Ф.С. - д.б.н.

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
Ахмадов Х.М. – академик ТАСХН, д.с.-х.н.
Ахмедов Т.А. – академик ТАСХН, д.с.-х.н.
Буходуров Ш.Б. – д.т.н.
Бухориев Т.А. - академик ТАСХН, д.с.-х.н.
Гафаров А.А. – д.т.н.
Иргашев Т.А. - д.с.-х.н.
Икромов Ф.М. – к.с.-х.н.
Мирзоев Д.М. - академик ТАСХН, д.в.н., профессор.
Мирсаидов А.Б. - д.э.н.
Набиев Т.Н. - академик ТАСХН, д.с.-х.н., профессор.
Назиров Х.Н. - д.с.-х.н.
Одинаев Ш.Т. - к.э.н.
Пиризода Дж.С. - академик ТАСХН, д.э.н., профессор.
Рахимов Ш.Т. - д. с.-х. н.
Сафаров М. - к.т.н.

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**
Алтухов А.И. - академик РАН, д.э.н.
Багиров В.А. - член-корр. РАН, д.б.н.
Девришев Д.А.- член-корр. РАН, д.б.н.
Драгавцев В.А. - академик РАН, д.б.н., профессор.
Огнев О.Г. - д.т.н., профессор.
Саттори И. - академик ТАСХН, д.в.н., профессор.
Фелалиев А.С. - академик НАНТ, д.с.-х.н.

**Ответственный секретарь** - Ниъматов М. М., к.с.-х.н.
**Редактор** - Касаткина Н. К.

**© Таджикская академия сельскохозяйственных наук, 2021**

# ДОКЛАДЫ ТАСХН

Издание Таджикской академии
сельскохозяйственных наук
Научный журнал
Ежеквартальное издание
Основан в июне 1997 г.

Решением Президиума ВАК при Президенте Республики Таджикистан журнал «Доклады ТАСХН» («Гузоришҳои АИКТ») включён в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК для публикации основных научных результатов диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук, зарегистрирован 29.09.2018, №7.

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации от 13.06.1997, № 387.

Вновь перерегистрирован 25.06.2009, №0096/ЭР, 26.06.2015, № 0096/ЖР и 12.06.2018, № 074/ЖР-97.

**Тематика журнала**
Сельскохозяйственные науки - 06.00.00 (приоритетное направление)
Технические науки - 05.00.00
Экономические науки - 08.00.00

**Учредитель**
Таджикская академия сельскохозяйственных наук

**Почтовый адрес редакции**
Республика Таджикистан, г. Душанбе,
734025, пр. Рудаки, 21а, ТАСХН

Тел.: (+99237) 221-70-04, 227-70-77

Подписной индекс: 77692

E-mail: aikt91@mail.ru; taskhn@mail.ru

Веб-страница:www.taas.tj

**CHIEF EDITOR**
Asozoda N.M. - President of TAAS,
Academician of the TAAS,
Doctor of Agricultural Sciences

**DEPUTIES OF CHIEF EDITOR**
Komilzoda D.K. - Academician of the TAAS,
doctor of Agricultural Sciences
Amirshoev F.S. - doctor of Biological Sciences

**EDITORIAL TEAM**
Ahmadov H.M. - Academician of the TAAS,
Doctor of Agricultural Sciences
Akhmedov T.A. - Academician of the TAAS,
Doctor of Agricultural Sciences
Buhodurov Sh.B. - Doctor of Technical Sciences
Bukhoriev T.A. - Academician of the TAAS,
Doctor of Agricultural Sciences
Gafarov A.A. - Doctor of Technical Sciences
Irgashev T.A. - Doctor of Agricultural Sciences
Ikromov F.M. - Candidate of Agricultural Sciences
Mahmudov K.B. - Candidate of Veterinary Sciences
Mirzoev D.M. - Academician of the TAAS,
Doctor of Veterinary Sciences, prof.
Mirsaidov A.B. - Doctor of Economic Sciences
Nabiev T.N. - Academician of the TAAS,
Doctor of Agricultural Sciences, prof.
Nazirov H.N. - Doctor of Agricultural Sciences
Odinayev Sh.T. - Candidate of Economic Sciences
Pirizoda J.S. - Academician of TAAS,
Doctor of Economic Sciences, prof.
Rahimov Sh.T. - Doctor of Agricultural Sciences
Safarov M. - Candidate of Technical Sciences

**EDITORIAL COUNCIL**
Altukhov A.I. - Academician of RAS,
Doctor of Economics Sciences
Bagirov V.A. – Corresponding member of RAS,
Doctor of Biological Sciences
Devrishev D.A - Corresponding member of RAS,
Doctor of Biological Sciences
Dragavtsev V.A. - Academician of the Russian Academy of Sciences, Doctor of Biological Sciences
Ognev O.G. - Doctor of Technical Sciences, prof.
Sattori I. - Academician of the TAAS,
Doctor of Veterinary Sciences, prof.
Felaliev A.S. - Academician of the NAST, Doctor of Biological Sciences

**Executive Secretary -** Nimatov M.M.,
Candidate of Agricultural Sciences
**Editor -** Kasatkina N.K.

**© Tajik academy
of agricultural sciences, 2021**

# REPORTS OF THE TAAS

Edition of the Tajik Academy
of Agricultural Sciences
Scientific Journal
Quarterly edition
It was founded in June 1997.

By the decision of Presidium of HAC under President of the Republic of Tajikistan journal "Reports of TAAS" of ("Guzorishhoi AIKT") is included in the list of leading peer-reviewed scientific journals and publications, recommended HAC for publication of basic scientific results of dissertations for the degree of candidate and doctor registered from 29.09.2018, №7.

The journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan, certificate of registration from 13.06.1997, number 387.

The newly re-registered 25.06.2009, №0096/ER, 26.06.2015, №0096/JR and from 12.06.2018 № 074/JR-97.

**Themes of the journal**
Agricultural sciences - 06.00.00 (priority direction)
Engineering - 05.00.00
Economic sciences - 08.00.00

**Founder**
Tajik Academy of Agricultural Sciences

**The mailing address of the editorial board**
Tajikistan, Dushanbe,
734025, Rudaki Ave, 21a, TAAS

Tel.: (+99237) 221-70-04, 227-70-77

Subscription form: 77692

E-mail: aikt91@mail.ru; taskhn@mail.ru

Web-page:www.taas.tj

## МУНДАРИҶА

***Асозода Н.М., Комилзода Д.Қ.*** ДАСТОВАРДҲОИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020 ....... 8

## СЕЛЕКСИЯ ВА ТУХМИПАРВАРИИ ЗИРОАТҲОИ КИШОВАРЗӢ

***Асозода Н.М., Валиев Ҷ.А.*** ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОБИОЛОГИИ НАВЪУ НАМУНАҲОИ ГАНДУМ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ САНГЛОХИ ВИЛОЯТИ СУҒД ....... 14

***Пулодов Ф.М., Пулодов М., Муминшоева З.*** ОМӮЗИШИ КОЛЛЕКСИЯИ НАВЪҲОИ МАҲАЛЛӢ ВА МУТОБИҚГАРДИДАИ ЗАҒИРИ РАВҒАНДИҲАНДА (LINUM USITATISSIMUM L.) ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ....... 17

***Пулодов Ф.М., Амонуллоев М., Муминшоева З.*** МАҲСУЛНОКӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҚИМАТНОКИ ХОҶАГИДОРИИ НАВЪУ НАМУНАҲОИ МАҲАЛЛӢ ВА ХОРИҶИИ ЛӮБИЁ (GLYCINE HISPIDA MAXIM.) ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ....... 21

***Сулангов М., Кароматов Ш., Нарзуллоева С., Уроков Ё., Давлятназарова З.Б., Партоев К.*** ОМӮЗИШИ КОЛЛЕКСИЯИ КЛОНҲОИ БАТАТ ВА МАҲСУЛНОКИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ТОҶИКИСТОН ....... 24

## ЗИРОАТКОРИИ УМУМӢ, РАСТАНИПАРВАРӢ

***Садридинов С., Асозода Н.М., Пулатов Я.Э., Хусейнов Ф.А.*** РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ЗИРОАТКОРИИ ОБЁРИШАВАНДА ДАР ТОҶИКИСТОН ....... 29

## ХОКШИНОСӢ ВА АГРОХИМИЯ

***Сафаров Ш.Ҷ.*** НАҚШИ ЗИРОАТҲОИ МОБАЙНӢ ВА ДАР ПЕШГИРИИ ШӮРШАВИИ ДУБОРАИ ХОК ....... 35

## МЕВАПАРВАРӢ, ТОКПАРВАРӢ

***Раҳматов С.Ҳ.., Камолов Н.*** РУШДУ НУМӮИ НИҲОЛӢ ХУРМОИ ШАРҚӢ ДАР ШАРОИТИ ВОДИИ ҲИСОР ....... 39

## ВЕТЕРИНАРӢ

***Амирбеков М., Ваҳобов Д.С., Лутфиллоев И.А., Ваҳобов М.Р.*** САМАРАБАХШИИ МУҚОИСАВИИ МАВОДИ ЗИДДИМИКРОБӢ БАРОИ ТАБОБАТИ ПЛЕВРОПНЕВМОНИЯИ СИРОЯТИИ БУЗҲО ....... 43

## ИҚТИСОДИЁТ ВА ИДОРАКУНИИ КИШОВАРЗӢ

***Набиева З.Т., Набиев Т.Т.*** НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТҲОИ ТРАНСАКСИОНИ ДАР ХОЧАГИҲОИ ҒАЛЛАКОР ....... 47

***Одинаев Ш.Т., Ниёзов М.Б.*** ВАЗЪИ МУОСИРИ ҶОЙГИРКУНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВОДИИ ЗАРАФШОН ....... 53

***Қурбонов К.Ю., Бадалова Б.А.*** ТАШКИЛИ КЛАСТЕРИ СОҲАИ КАРТОШКАПАРВАРӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ....... 61

***Набиева З.Т., Набиев Т.Т.*** ШАКЛҲО ВА УСУЛҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ РУШДИ БОЗОР ....... 67

***Касимов М.К.*** БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР АСОСИ УСУЛИ КЛАСТЕРӢ ДАР МИСОЛИ МИНТАКАИ КӮЛОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ....... 74

***Қурбонов К.Ю., Қурбонова Ф.К.*** АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ МАРКАЗҲОИ АГРОЛОГИСТИКӢ ҲАМЧУН ОМИЛҲОИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ ....... 80

***Акрамхонов А.*** СОҲАИ ПИЛЛАПАРВАРӢ – КАФОЛАТИ РУШДИ ДЕҲОТ ....... 87

## СОДЕРЖАНИЕ

*Асозода Н.М., Комилзода Д.Қ.* ДОСТИЖЕНИЯ ТАДЖИКСКОЙ АКАДЕМИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК В 2020 ГОДУ ....................8

**СЕЛЕКЦИЯ И СЕМЕНОВОДСТВО СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ РАСТЕНИЙ**

*Асозода Н.М., Валиев Дж.А.* МОРФОБИОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОРТООБРАЗЦОВ ПШЕНИЦЫ В УСЛОВИЯХ КАМЕНИСТЫХ ПОЧВ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ ....................14

*Пулодов Ф.М., Пулодов М., Муминшоева З.* КОЛЛЕКЦИОННОЕ ИЗУЧЕНИЕ МЕСТНЫХ И ИНТРОДУЦИРОВАННЫХ СОРТОВ МАСЛИЧНОГО ЛЬНА (LINUM USITATISSIMUM L.) В УСЛОВИЯХ ЦЕНТРАЛЬНОГО ТАДЖИКИСТАНА....................17

*Пулодов Ф.М., Амонуллоев М., Муминшоева З.* ПРОДУКТИВНОСТЬ И ХОЗЯЙСТВЕННО-ЦЕННОЕ ЗНАЧЕНИЕ МЕСТНЫХ И ЗАРУБЕЖНЫХ СОРТОВ СОИ (GLYCINE HISPIDA MAXIM.) В УСЛОВИЯХ ЦЕНТРАЛЬНОГО ТАДЖИКИСТАНА....................21

*Сулангов М., Кароматов Ш., Нарзуллоева С., Уроков Ё., Давлятназарова З.Б., Партоев К.* КОЛЛЕКЦИОННОЕ ИЗУЧЕНИЕ КЛОНОВ БАТАТА И ИХ ПРОДУКТИВНОСТЬ В УСЛОВИЯХ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ ТАДЖИКИСТАНА....................24

**ОБЩЕЕ ЗЕМЛЕДЕЛИЕ, РАСТЕНИЕВОДСТВО**

*Садридинов С., Асозода Н.М., Пулатов Я.Э., Хусейнов Ф.А.* ИННОВАЦИОННОЕ РАЗВИТИЕ ОРОШАЕМОГО ЗЕМЛЕДЕЛИЯ ТАДЖИКИСТАНА....................29

**ПОЧВОВЕДЕНИЕ И АГРОХИМИЯ**

*Сафаров Ш.Дж.* РОЛЬ ПОЖНИВНЫХ КУЛЬТУР В ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ ВТОРИЧНОГО ЗАСОЛЕНИЯ ПОЧВ....................35

**ПЛОДОВОДСТВО, ВИНОГРАДАРСТВО**

*Рахматов С.Х., Камолов Н.* РОСТ И РАЗВИТИЕ САЖЕНЦЕВ ХУРМЫ ВОСТОЧНОЙ В УСЛОВИЯХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ....................39

**ВЕТЕРИНАРИЯ**

*Амирбеков М., Вахобов Д.С., Лутфиллоев И.А., Вахобов М.Р.* СРАВНИТЕЛЬНАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ АНТИМИКРОБНЫХ ПРЕПАРАТОВ В ЛЕЧЕНИИ КОНТАГИОЗНОЙ ПЛЕВРОПНЕВМОНИИ КОЗ....................43

**ЭКОНОМИКА И УПРАВЛЕНИЕ СЕЛЬСКИМ ХОЗЯЙСТВОМ**

*Набиева З.Т., Набиев Т.Т.* СИСТЕМА УПРАВЛЕНИЯ ТРАНСАКЦИОННЫМИ ИЗДЕРЖКАМИ В ЗЕРНОВОМ ХОЗЯЙСТВЕ....................47

*Одинаев Ш.Т., Ниёзов М.Б.* СОВРЕМЕННОЕ РАЗМЕЩЕНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА В ЗЕРАФШАНСКОЙ ДОЛИНЕ....................53

*Курбонов К.Ю., Бадалова Б.А.* ОРГАНИЗАЦИЯ КАРТОФЕЛЕВОДЧЕСКОГО КЛАСТЕРА В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ....................61

*Набиева З.Т., Набиев Т.Т.* ФОРМЫ И МЕТОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА В УСЛОВИЯХ РАЗВИВАЮЩИХСЯ РЫНОЧНЫХ ОТНОШЕНИЙ....................67

*Касимов М.К.* ПОВЫШЕНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА НА ОСНОВЕ КЛАСТЕРНОГО ПОДХОДА НА ПРИМЕРЕ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН....................74

*Курбонов К.Ю., Курбонова Ф.К.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОЗДАНИЯ АГРОЛОГИСТИЧЕСКИХ ЦЕНТРОВ КАК ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ....................80

*Акрамхонов А.* ОТРАСЛЬ ШЕЛКОВОДСТВА – ГАРАНТ РАЗВИТИЯ СЕЛА....................87

## CONTENTS

***Asozoda N.M., Komilzoda D.Q.*** SCIENTIFIC ACHIEVEMENTS OF THE TAJIK ACADEMY OF AGRICULTURAL SCIENCES IN 2020 ........8

### SELECTION AND SEED BREEDING OF AGRICULTURAL PLANTS

***Asozoda N.M., Valiev J.A.*** MORPHO-BIOLOGICAL FEATURES OF WHEAT VARIETIES UNDER STONYSOILS OF THE SUGHD REGION ........14

***Pulodov F.M., Pulodov M., Muminshoeva Z.*** COLLECTION STUDY OF LOCAL AND INTRODUCED VARIETIES OF OILY FLAX (LINUM USITATISSIMUM L.) UNDER CONDITIONS CENTRAL TAJIKISTAN ........17

***Pulodov F.M., Amonulloev M., Muminshoeva Z.*** PRODUCTIVITY AND ECONOMICALLY VALUABLE VALUES OF LOCAL AND INTRODUCED VARIETIES OF SOYBEAN (GLYCINE HISPIDA MAXIM.) IN THE CONDITIONS OF CENTRAL TAJIKISTAN ........21

***Sulangov M., Karomatov Sh., Narzulloeva S., Uroqov Y., Davlyatnazarova Z.B., Partoev K.*** COLLECTION STUDY OF BATATA CLONES AND THEIR PRODUCTIVITY IN THE CONDITIONS OF THE KHATLON REGION OF TAJIKISTAN........24

### GENERAL AGRICULTURE, PLANT GROWING

***Sadridinov S., Asozoda N.M., Pulatov Ya.E., Khuseynov F.A.*** INNOVATION DEVELOPMENT IN IRRIGATED AGRICULTURE OF TAJIKISTAN ........29

### SOIL SCEINCE AND AGROCHEMICAL

***Safarov Sh.J.*** STUBBLE CROPS AND THEIR ROLE IN THE PREVENTION OF SECONDARY SOIL SALINIZATION........35

### FRUIT GROWING, GRAPE GROWING

***Rahmatov S.H., Kamolov N.*** GROWTH AND DEVELOPMENT OF EASTERN PERSIMMON SEEDLINGS IN THE CONDITIONS OF THE HISSOR VALLEY ........39

### VETERINARY

***Amirbekov M., Vahobov D.S., Lutfilloyev I.A., Vahobov M.R.*** COMPARATIVE EFFICIENCY OF ANTIMICROBIAL PREPARATIONS IN TREATMENT OF CONTAGIOUS PLEUROPNEUMONIA OF GOATS........43

### ECONOMICS AND AGRICULTURAL MANAGMENT

***Nabieva Z.T., Nabiev T.T.*** TRANSACTION COST MANAGEMENT SYSTEM IN THE GRAIN FARM........47

***Odinaev Sh.T., Niyozov M.B.*** CURRENT STATE LOCATION OF AGRICULTURAL PRODUCTION IN ZARAFSHON VALLEY ........53

***Qurbonov K. Yu., Badalova B.A.*** ORGANIZATION OF POTATO CLUSTER IN SUGHD REGION........61

***Nabieva Z.T., Nabiev T.T.*** FORMS AND METHODS OF STATE REGULATION OF THE AGROINDUSTRIAL COMPLEX IN CONDITIONS DEVELOPING MARKET RELATIONS ........67

***Kasimov M.K.*** INCREASING THE COMPETITIVENESS OF THE AGROINDUSTRIAL COMPLEX BASED ON THE CLUSTER APPROACH ON THE EXAMPLE OF THE KULOB REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ........74

***Qurbonov K. Yu., Qurbonova F.K.*** THEORETICAL BASIS OF CREATION OF AGROLOGICAL CENTERS AS FACTORS OF DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL ENTERPRISES........80

***Akramkhonov A.*** SILK INDUSTRY - GUARANTEE OF VILLAGE DEVELOPMENT ........87

# ДАСТОВАРДҲОИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020

*Н.М. АСОЗОДА, Д.Қ. КОМИЛЗОДА (АКАДЕМИКҲОИ АИКТ)*

**Дар мақола натиҷаи таҳқиқот, татбиқи онҳо дар истеҳсолот ва корҳои тарғибу ташвиқи дастовардҳои илмӣ дар муассисаҳои тобеи АИКТ дар соли 2020 оварда шуда-аст. Олимони Академия соҳиби 9 патент ва 11 шаҳодатномаи муаллифӣ барои ихтироот гардиданд. Ба Комиссияи давлатӣ 21 навъи зироатҳои кишоварзӣ барои санҷиш ва минтақабобгардонӣ супорида шуд. Инчунин 36 рисолаи номзадиву докторӣ ва магистрӣ дифо гардида, зиёда аз 60 китобу монография ва тавсияҳо нашр гардиданд.**

Раёсат ва муассисаҳои илмии Академия дар соли 2020 бо дарназардошти вазифаҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2019), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020” (20.01.2020), мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат (18.03.2020), Барномаи давлатии рушди АИКТ дар солҳои 2016-2020 ва барномаҳои давлатии рушди бахшҳои соҳаи кишоварзӣ бармеоянд, барои беҳтар намудани сифати таҳқиқотҳои илмӣ, тарбияи олимони ҷавон, таҷдиди сохтори муассисаҳои илмии Академия, беҳсозии пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои илмию хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва татбиқи васеи дастовардҳои илм дар истеҳсолот, фаъолияти худро ба роҳ мондаанд.

Сохтори Академия тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2020, №487 “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2008, №215” такмил гардида, ба талаботҳои муосир мувофиқ карда шуд. Ҳоло дар сохтори Академия 11 муассисаи илмӣ, аз он ҷумла институтҳои зироаткорӣ, боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ, хокшиносӣ ва агрохимия, чорводорӣ ва чарогоҳ, тибби ветеринарӣ, масоили амнияти биологӣ ва биотехнология, иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ, Маркази миллии захираҳои генетикӣ, Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзӣ, Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварӣ ва Маркази илмии кишоварзии Помир фаъолият менамоянд. Муассисаҳои илмӣ дорои 24 филиал, стансия ва хоҷагиҳои таҷрибавӣ мебошанд.

Дар муассисаҳои илмии Академия 1118 нафар корманд, аз он ҷумла 550 ходими илмӣ, 40 доктори илм, 147 номзади илм фаъолият намуда, аз онҳо 32 доктор ва 125 номзади илм кормандони доими буда, 8 доктор ва 21 номзади илм ҳамчун ҳамкор барои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷалб карда шудаанд. Ба ҳайати Академия 9 академик, 3 аъзои вобаста ва 2 аъзои хориҷӣ шомиланд.

Дар муассисаҳои илмии Академия баҳри иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати рушди бахшҳои соҳаи кишоварзӣ таҳқиқотҳо тибқи 60 мавзӯи фармоишӣ, 6 лоиҳа тибқи барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, 4 барномаи байналмилалӣ ва 4 лоиҳа тибқи Фонди Президентии таҳқиқоти бунёдӣ идома дошта, дар муассисаҳои илмӣ ва зерташкилотҳои онҳо, зиёда аз 90 қитъаи таҷрибавию намоишӣ ташкил гардидаанд, ки дар онҳо омӯзиши усулҳои муосири селексия, технологияи парвариши зироатҳо ва чорвои кишоварзӣ, бунёди боғҳои интенсивӣ, усулҳои мубориза бо касалиҳою зараррасонҳои зироату чорво ва ғайра гузаронида шуда, дар ин самт корҳо идома доранд.

Олимони муассисаҳои илмии Академия пурмаҳсул меҳнат намуда, дар соли 2020 ба дастовардҳои илмӣ ноил гардида, дар маҷмӯ соҳиби 30 нахустпатент, шаҳодатнома гардиданд. Аз он ҷумла 9 нахустпатент, 7 шаҳодатномаи ҳуқуқи

селексионерӣ, 4 шаҳодатномаи ихтироъкорӣ, 4 қарори мусби дар бораи додани нахустпатент, 6 хабарнома оид ба натиҷаи мусбати экспертизаи расмӣ, ки аз он 2 хабарномаи экпертизаи расмии ташкилоти Патентии Авру осиёгӣ мебошад. Аз он ҷумла нахустпатентҳо оид ба “Сохтор ба дорупошак барои коркарди дарахтони боғӣ ва токзор,” “Тарзи пешгирӣ ва табобати касалиҳои аскосфероз ва аспергиллёзи занбӯри асал”, “Тарзи комплексии иммунизатсияи чорвои хурди шохдор бар зидди касалиҳои гули гусфандон, гули бузҳо, салмонеллез ва пастереллез бо ваксинаҳои асосиатсияшуда аз хайлҳои маҳаллӣ”, «Штамми Pasteurella multosida Mah.K. №02/2016 PM TJ-02 барои истеҳсоли маводи биологӣ», «Истифодаи сифлунит флок бар зидди канаҳои иксодӣ ва аргасии гӯсфанд», «Штамми О №1/Тоҷикистон/2016 вируси вабои сумдард Aphtae ehizooticae барои истеҳсоли маводҳои биологӣ, барои ташхис ва пешгирии вабои сумдарди намуди О», “Формалваксинаи консентратсияшудаи гидрооксиалюминии зидди клостридиози гӯсфандон”, “Воситаи нақлиётии универсалӣ барои кашонидани борҳои моеъ ва сахт” ва “Тарзи шинондани зироатҳои хоҷагии қишлоқ”, 6 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионер оид ба офаридани навъҳои гандуми мулоимдонаи навъи “Академия-2016”, “Анварӣ”, тритикалеи навъи “Зарафшон”, ҷави навъи “Нодир”, наски навъи “Файзи Ҳисор” ва пахтаи миёнанахи гурӯҳи тезраси навъи “ВД-75”, 3 шаҳодатномаи ихтироотӣ “Тухмипошак барои кишти қатории тухми пиёз”, «Органи корӣ барои пошидани нуриҳои органикӣ» ва «Тарзи ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор аз эхинококкоз», 4 қарор дар бораи додани нахустпатент: “Гелиосушилка теплиса-термос”, «Штамми бемории Нюкасл «AAvA1Chicken Tadjikistan Gissor 6» барои истеҳсоли подген дар реаксияи боздошти гемаглютинӣ», «Тарзи ваксинатсияи чорвои хурди шохдор зидди касалии тоуни чорвои хурди шохдор ва пастереллёз» ва типи қутосҳои Зарафшонии экотипи помирӣ, 7 хабарномаҳо оид ба натиҷаи мусбати экспертизаи расмии ихтироот: “Тарзи ворид намудани гидрогел ҳангоми кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ”, “Хомӯшкунаки мавҷи об дар қубурҳо”, “Қатрарези танзимшаванда барои помидор ва зироатҳои полезӣ”, Усулҳои тезонидани парвариши бактерияҳои Ризобиуми лӯбиёгӣ ИХ АИКТ-80TJ (Ташкилоти Патенти Авру осиёгӣ), «Тарзи эмгузаронии касалии Ньюкасл», ва “Мошинолоти муштараки КМ-0,6-0,3” (Ташкилоти Патенти Авру осиёгӣ) гирифта шуд.

Ҳамзамон аз ҷониби олимони Академия ба Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 навъи зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла 4 – навъи пахтаи миёнанахи гурӯҳи миёнапаз, 1 - навъи шолӣ, 1 - навъи мушунг, 1 - навъи офтобпараст, 2 - навъи ҷуворимакка 4 - навъи ангур, 2 - навъи хурмо, 2 - навъи лиму, 2 - навъи боимҷон, 1 - навъи қаламфури тез, 1 - навъи райҳон супорида шуд. Инчунин дар санҷиши расмӣ 51 навъ қарор дорад.

Олимони Академия барои муҳофизати интегратсионӣ аз ҳашаротҳои зараррасони зироатҳои кишоварзӣ дар давраи нашъунамо, дар озмоишгоҳи биологии Маркази ҳифзи растаниҳо зиёда аз 5000 фарди ҳашароти фоидаовари хабробракон парвариш намуда, дар давраи шонабандӣ ва пайдоиши кӯракҳо ба пахтазор интиқол доданд.

Олимони Институти зироаткорӣ дар асоси дастовардҳои илмӣ соҳиби 3 хабарнома оид ба натиҷаи мусбати экспертизаи расмии ихтироот ва 6 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионер гардиданд. Инчунин ба Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 навъи зироатҳои кишоварзиро супориданд.

Бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 навъи дарахтони мевадиҳандаю ангур ва зироатҳои сабзавотии ба вуҷуд овардаи олимони Институ-

ти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ барои омӯзиши расмӣ қабул карда шуд. Олимони филиали институт дар вилояти Суғд соҳиби 1 – нахустпатент (05.02.2020 №TJ1055), 2 – Шаҳодатномаи ихтироот ва 1 қарори мусбӣ гардиданд.

Дар Институти хокшиносӣ ва агрохимия доир ба самаранок истифода бурдани замин, беҳтар намудани ҳосилхезии хок, пешгирӣ намудани он аз таназзулёбӣ ва дубора шӯршавӣ, муайян намудани меъёрҳои ворид намудани нуриҳои маъданиву органикӣ ба замин ва омӯзиши ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, таҳқиқотҳои илмӣ идома доранд. Олимон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафар намуда, оид ба обмонии захиравӣ, яхобмонию сатҳу сифати обмонии киштзорҳо ва боғу токзорҳо, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, тавассути васоити ахбори омма баромадҳо намуда, тавсияҳои илман асоснокро ба кишоварзони ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд. Олимони институт дар асоси натиҷаҳои илмӣ соҳиби 1 нахустпатент, 1 шаҳодатномаи ихтироти ва 1 хабарнома оид ба натиҷаи мусбати экспертиза гардиданд.

Дар соли 2020 дастоварди селексионии олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳ назаррас аст. Типи қутосҳои зарафшонии экотипи помирӣ аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии зоти алои тоҷикии чорвои калони шохдор, барои тасдиқ пешниҳод карда шуд. Инчунин ҳуҷҷатҳои типи чорвои сергушти тоҷикӣ ва типи занбӯри асали тоҷикӣ, барои пешниҳод омода гардид.

Дастовардҳои олимони Институти тибби ветеринарӣ сазовори 2 нахустпатент, 1 шаҳодатномаи муаллифии ихтироот ва 1 хабарнома оид ба натиҷаи мусбати экспертиза гардиданд.

Инчунин, як қатор дастуру тавсияҳо оид ба пешгирӣ ва табобати эндометрити модаговҳо, ташхиси касалии аспергиллёзи занбӯрони асал, нигоҳубини оилаҳои занбӯри асал, роҳҳои мубориза бар зидди касалиҳои пӯсиши насли занбӯри асал, “Схемаи истифодабарии ваксина аз антигени протективӣ ва хайлҳои зиндаи ваксина дар шароити гуногуни эпизоотологӣ нисбати брутселлёз”, ташхис ва пешгирии касалии аскосферози занбӯрон дар мавриди нигоҳубини кӯчӣ, пешгирӣ ва табобати пӯсиши америкоии занбӯри асал таҳия гардида, аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Аз ҷониби олимони Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология ҳолати эпизоотии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нисбат ба бемориҳои сироятиву инвазионии чорвои калон, хурди шохдор ва парандагон мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Бо истифода аз хайлҳои микроорганизмҳои маҳаллӣ 133600 воя ваксина, аз он ҷумла 16000 воя бар зидди плевропневмонияи сироятии бузҳо, 94600 воя ваксина бар зидди пастереллёзу салмонеллёз, 18000 воя ваксинаи зидди сеннуроз, 5000 воя ваксинаи зидди клостридиозҳо (силсилаи таҷрибавӣ) истеҳсол гардида, дар хоҷагиҳои ноҳияҳои Данғара, Панҷ, Вахш, Шаҳринав, ш.Ҳисор ва дигар хоҷагиҳои инфиродию фермерии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор доранд. Инчунин, барои 198300 воя ваксинаҳои зидди сияҳрону салмонеллез ва пастереллези чорвои кишоварзӣ, аз Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сертификати мутобиқат гирифта шуда, ба хоҷагидорон дастрас гардида истодааст.

Ҳамзамон, олимони институт дар асоси дастовардҳо соҳиби 4 нахустпатент ва 2 қарор дар бораи додани нахустпатент гардиданд. Инчунин, аз ҷониби олимони институт лоиҳа оид ба истеҳсоли маводҳои биологӣ таҳия ва ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки айни замон дар омӯзиши вазорату кумитаҳо қарор дорад.

Олимони Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ оид ба самаранок истифодабарии заминҳои таъйиноти кишоварзӣ, рушди чорводорӣ, боғу токпарварӣ ва пешгирии талафоти маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ пешниҳодҳои илман асоснок таҳия наму-

данд. Инчунин, олимони институт дар асоси дастовардҳои илмӣ соҳиби 1 нахустпатент гардиданд.

Дар Маркази миллии захираҳои генетикӣ барои муайян намудани қобилияти сабзиши тухмии навъу намунаҳои солҳои қаблан дар бонк захирашуда, корҳои таҷдиду аз нав барқарор намудан ва ба захирагоҳ ворид намудани онҳо гузаронида, муайян карда шуд, ки сабзиши тухмиҳои навъу намунаҳои гандум 85-90%, зироати ҷав 90-94% ва нахӯд 90-92%-ро ташкил дод. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар бонки захирагоҳ солҳои тулонӣ нигоҳ доштани тухмиҳои зироатҳои кишоварзӣ мумкин аст.

Дар Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзӣ бо дарназардошти натиҷаҳои таҷрибаҳои саҳрой ва озмоишгоҳӣ ихтироъ ва такмили мошинолотҳо идома дорад. Ҳамзамон сипори чизелии такмилдодашудаи хурдҳаҷми ГУ-1,2 барои то 45 см чуқурковок кардани заминҳои хокаш сахтшуда, чизел-култиватори нуриандози ЧКУ-2,0 барои ба кишт тайёр кардани замин, тухмипошаки муштараки КМ-2,4 “Зироаткор” барои кишти зироатҳои сабзавотӣ ва хӯроки чорво, тухмипошаки ТЗК-4 барои кишти зироатҳои каландшаванда, мошинолоти хурдҳаҷми КШТ-1 барои шинонидани тухмии картошка, картошкаканаки ККТ-1, минигрейдери МГ-1, тухмипошаки ТЗК-2 барои кишти зироатҳои каландшаванда дар хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонии шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ васеъ истифода шуда, фаъолият карда истодаанд. Олимони марказ соҳиби 1 хабарнома оид ба натиҷаи мусбати экпертизаи расмии ихтироот гардиданд.

Тадбиқи дастовардҳои илмии олимони Академия беҳтар гардида, соли 2020 навъҳои ватании пахта дар масоҳати 123,5 ҳазор гектар ва навъҳои зироатҳои ғалладонагӣ дар 173 ҳазор гектар кишт шуданд, ки мутаносибан 66,3 ва 45 дарсади майдони кишти ин зироатҳоро дар ҷумҳурӣ ташкил менамояд. Кишти навъҳои зироатҳои лӯбиёгӣ дар масоҳати 12,2 ҳазор гектар ё 75 дарсад (бо назардошти кишти такрории мош), навъҳои зироатҳои хӯроки чорво дар масоҳати 70 ҳазор гектар ё 90 дарсад (бо назардошти кишти такрории ҷуворимакка ва ҷуворӣ), навъҳои зироатҳои равғандиҳанда дар масоҳати 18,2 ҳазор гектар ё 66 дарсад амалӣ гардидааст.

Олимони Академия дар таҳияи лоиҳаҳои “Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024”, “Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи захираҳои генетикӣ” фаъолона иштирок намуданд.

Аз ҷониби олимони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон 15 пешниҳод ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату кумитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла оид ба қабули барномаи маърифатию таблиғотӣ, хушзот намудани чорвои хусусӣ ва аҳолӣ, ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли саноатии ваксинаю доруҳои ветеринарӣ, бознигарӣ ба андозаи маоши кормандони илмӣ, истеҳсоли маводи биологӣ барои пешгирӣ ва муолиҷаи короновируси одам (COVID-19), оид ба таъсиси Шӯроҳои диссертатсионӣ дар назди Институтҳои зироаткорӣ, чорводорӣ ва оид ба тасдиқи Типи зарафшонии қутосҳои экотипи помирӣ, оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Ӯзбекистон, оид ба муайян намудани корхонаҳои коркард ва захираи тухмии хушсифати пахта дар ҷумҳурӣ барои кишти соли 2021, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №215 аз 2.05.2008”, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гирифтан ва ба филиали Суғди Институти чороводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон додани 530,34 гектар”, “Дар бораи обёрӣ намудани қитъаҳои замини хоҷагии таҷрибавии “Зироаткор”-и АИКТ” ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва дигар ирсол карда шуд.

Дар Комиссияи экспертии илмҳои кишоварзӣ 68 мавзӯи корҳои илмию таҳқиқотии муассисаҳои илмии Комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025 баррасӣ шуда, ба Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод гардид.

Дар соли 2020 дар муассисаҳои илмии АИКТ 36 нафар рисолаҳои докторӣ, номзадӣ ва магистрӣ ҳимоя намуданд, ки аз онҳо 2 рисолаи докторӣ 18 рисолаи номзадӣ ва 16 рисолаи магистрӣ мебошад. Бо мақсади афзун намудани кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои илмии Академия 34 нафар докторант PhD ва 65 магистрант аз ҷумлаи мутахассисони ҷавон қабул карда шуд. Ҳоло дар аспирантураи АИКТ ҷамъ 45 нафар аспирант (25 нафар таҳсили рӯзона ва 20 нафар ғоибона) таҳсил карда истодаанд. Аз шумораи умумии аспирантҳо занҳо 33 нафарро ташкил медиҳанд. Инчунин 83 нафар унвонҷӯён ба иҷрои таҳқиқот доир ба рисолаҳои илмӣ машғуланд. Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Институти тибби ветеринарии АИКТ фаъолият карда, соли 2020, ҳамагӣ 4 рисолаи номзади дифоъ гардид. Инчунин, Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Институти зироаткорӣ оид ба тахассусҳои селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ, хокшиносӣ фаъолият карда истодааст.

Қобили қайд аст, ки дар соли ҳисоботӣ Академия бо Ташкилоти байналмилалии “Каритас”-и Швейцария оид ба ҳамкории самаранок ва мутақобилан судманд ҷиҳати рушди бахши кишоварзӣ бо истифода аз усулҳои самарабахш баҳри дастгирӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои истифодабарии замин дар кишти такрории зироатҳо, таъмини озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ва бо Маркази илмию истеҳсолии кишоварзӣ ва таъмини озуқаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба рушди бахшҳои кишоварзӣ, аз ҷумла селексия, тухмипарварӣ ва агротехникаи парвариши пахта, ҳимояи растанӣ, созишномаи ҳамкориро ба имзо расонид.

Олимони Академия дар давраи ҳисоботӣ оид ба масъалаҳои рӯзмарраи рушди соҳаи кишоварзӣ 382 кори илмӣ, аз он ҷумла 17 китоб ва 45 тавсияномаю дастур аз чоп баровarda, 421 маротиба тавсияҳои мушаххасро ба деҳқонону мутахассисон ба воситаи ахбори омма пешниҳод намуданд. Бо ташаббуси муассисаҳои илмии Академия 44 конференсияю семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, рӯзҳои саҳро ва мизҳои мудаввар, аз ҷумла 1 конференсияи байналмилалӣ, 4 семинари ҷумҳуриявӣ, 21 семинари минтақавӣ, 17 рӯзҳои саҳро ва 1 мизи мудаввар гузаронида шуд. Ба мақсади тарғибу ташвиқи дастовардҳои илмӣ ва тавсияномаҳо оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ 345 маротиба ба воситаи симо ва 76 маротиба ба воситаи садо мубоҳисаҳо шуда, дар рӯзномаҳои даврӣ 30 мақолаи илмии соҳавӣ нашр карда шуд.

Ҳамзамон олимон дар кори 127 конференсияю семинарҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуданд. Инчунин, муассисаҳои илмии Академия дар чорабиниҳои ҷумҳуриявии таҷлили ҷашни Садаю Наврӯз ва дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат (18.03.2020) бо пешниҳоди китоби “Рушди илми кишоварзӣ” иштирок намуданд. Инчунин, дар иди “Каду, харбуза ва тарбуз” фаъолона иштирок намуда, сазовори “Сипоснома”-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Олимони Академия дар баргузории омӯзишҳои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва раисони ҷамоату роҳбарони хоҷагиҳои декҳқонӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ва НТҶ фаъолона иштирок намуданд.

Таҳқиқоти мақсаднок доир ба селексияи зироату чорвои кишоварзӣ, коркарди технологияи самарабахши парвариши онҳо ва бунёди боғу токзорҳои серҳосил, ҳифзи растаниву чорво, механиконӣ ва иқтисодиёти кишоварзӣ, тарғибу татбиқи дастовардҳои илмӣ ва технологияҳои инноватсионӣ идома доранд.

**ДОСТИЖЕНИЯ ТАДЖИКСКОЙ АКАДЕМИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК В 2020 ГОДУ**

***Н.М. АСОЗОДА, Д.Қ. КОМИЛЗОДА***

В статье приведены результаты исследований и внедрения их в производство, работа по агитации и пропаганде научных достижений в учреждениях ТАСХН в 2020 году. Учёными Академии получено 9 патентов и 11 авторских свидетельств на изобретения. В государственную комиссию представлен 21 сорт сельскохозяйственных культур на испытание и районирование. Защищено 36 кандидатских, докторских и магистрских диссертаций, опубликовано свыше 60 книг, монографий и рекомендаций.

***Ключевые слова:*** *научные достижения, патенты, сорта, сельскохозяйственные культуры, животноводство, ветеринария, механизация, экономика.*

**SCIENTIFIC ACHIEVEMENTS OF THE TAJIK ACADEMY OF AGRICULTURAL SCIENCES IN 2020**

***N.M. ASOZODA, D.Q. KOMILZODA***

The article presents the results of research and implementation of their production, the work of agitation and propaganda of scientific achievements in scientific institutions of the TAAS. Scientists of the Academy received 9 patents and 11 copyright certificates for inventions. 21 varieties of agricultural crops are presented to the state commission for study and regionalization. 36 candidate, doctoral and master's dissertations have been defended, over 60 books, monographs and recommendations have been published.

***Key words:*** *scientific achievements, varieties, crops, animal husbandry, veterinary medicine, mechanization, economics*

***Контактная информация:***
*Асозода Нурали Махмадулло, академик, доктор с.-х. наук,*
*Президент Таджикской академии сельскохозяйственных наук;*
*э-почта: aikt91@mail.ru;*
*Комилзода Давлатджон Каюми, академик, доктор с.-х. наук; советник ТАСХН,*
*э-почта: komilzoda-50@mail.ru*
*Республика Таджикистан, г.Душанбе, 734025, пр. Рудаки, 21 а*

# СЕЛЕКЦИЯ И СЕМЕНОВОДСТВО СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ РАСТЕНИЙ

УДК 631.52:631.531.12

## ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОБИОЛОГИИ НАВЪУ НАМУНАҲОИ ГАНДУМ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ САНГЛОХИ ВИЛОЯТИ СУҒД

*АКАДЕМИКИ АИКТ Н.М. АСОЗОДА, Ҷ.А. ВАЛИЕВ*

**Дар натиҷаи таҳқиқот 10 навъу намунаҳои гандумҳои ватанию хориҷӣ омӯхта шуд. Давомнокии давраи нашъу намунаҳои онҳо 212-225 рӯз, баландии растанӣ аз 85,0 то 105,0 см, миқдори пояи маҳсулнок аз 3 то 5, дарозии хуша аз 8,0 то 11,6 см, миқдори дон дар хуша аз 36 то 45, вазни 1000 дон 39,6-49,4 грамм, ҳосилнокии дон – 52,6-61,4 с/га-ро ташкил дод. Аз рӯи натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки навъу намунаҳои BUGDAY/3/AGRI/BJY//VEE/4/AGRI/BJY//VEE, KSK46/BUC//DARI-16, 338-K1-1//ANB/BUC/3/KIRGIZ ва KONYA нисбат ба касалӣ ва зараррасонҳо, мутобиқшави ба хоку иқлим устуворӣ нишон дода, ҷиҳати ҳосилнокӣ 7,2-11,8 с/га дар муқоиса бо навъи назоратии ноҳиябанди шудаи «Ормон» (49,6 с/га) зиёд мебошад.**

***Калимаҳои калидӣ:*** *хусусиятҳои морфобиологӣ, гандум, навъу намунаҳо, ватанӣ, хориҷӣ, замини санглох, ҳосилнокӣ.*

Дар шароити Тоҷикистон гандум яке аз зироати асосии озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат ҷои муҳимро ишғол менамояд.

Тавре, дар қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, бояд истеҳсоли ғалладонагиҳо дар солҳои наздик ба 1,5млн. тонна ва гандум ба 1,0-1,2млн. тонна расонида шавад. Тоҷикистон имкониятҳои воқеии зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагиҳоро аз ҳисоби самаранок истифода бурдани заминҳои оби, захираҳои биоиқлимии дар як сол рӯёнидани ду ҳосили донро дорад. Ба ин мавҷудияти об, фаровони гарми ва рӯзҳои офтоби мусоидат мекунад. Барои расидан ба ҳадафҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, навъи зироат мавқеъи худро дорад. Навъи серҳосил, тезрас, устувор ба касалию ҳашаротҳои зараррасон, мутобиқ ба иқлими маҳал метавонад рӯёнидани ҳосили дилхоҳро таъмин намуда, бо ин васила дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат ҳиссагузор бошад.

Иқлими шимоли Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси худ, аз иқлими дигар минтақаҳои Ҷумҳурӣ, бо нишондиҳандаҳои ғизонокии хок, ҳарорати мутлақи ҳаво, вазидани шамоли сахт, сардии фасли зимистон ва бо боришоти камаш фарқ мекунад.

Мувофиқи нишондодҳои бисёрсола ҳарорати ҳаво ба ҳисоби миёна +14$^0$С буда, миқдори боришот ба 155мм баробар мебошад.

Давомнокии давраи вегетасионӣ баробари - 226 рӯз ва ҷамъи ҳарорати мутлақи ҳаво - 2405$^0$С-ро ташкил медиҳад.

Таҳқиқот дар заминҳои обии филиали Институти зироаткорӣ воқеъ дар ноҳияи Б.Ғафуров бо навъу намунаҳои гандуми аз институти зироаткорӣ ва ташкилоти байналмилалии ИКАРДА ва СИММИТ гирифта шуда, гузаронида шуданд. Замини қитъаи таҷрибавӣ ба гурӯхи заминҳои хокаш хокистарранги бӯрии санглох мансуд буда, дар қабати шудгоршаванда миқдори гумус ба - 1,23 фоиз, нитрогени умумӣ -0,120 % ва фосфор – 0,127 % баробар аст.

Ба замини қитъаи таҷрибавӣ пеш аз гузаронидани кишт ба миқдори 100кг/га нурии фосфорӣ, ба намуди аммофос дохил карда шуд.

Кишти гандуми қитъаи таҷрибавӣ дар охири даҳаи дуйуми моҳи сентябр гузаронида шуда, сабзиши пурраи ниҳолҳо баъди гузаронидани ду оби сабзиши тухми санаҳои 6-8-уми моҳи октябр ба қайд гирифта шуданд. Дар давраи нашъунамои ниҳолҳо ба киштзор ба миқдори 150 кг/га азот, 100 кг/га фосфор ва 60 кг/га калий дохил карда шуд. Киштзор дар давраи нашъунамо ду маротиба аз алафҳои бегона ва омехтагиҳои навъҳои дигар тоза карда шуданд. Гандуми қитъаи таҷрибавӣ то давраи пухта расидани дон 5 маротиба обёри карда шуданд. Ба муқобили касалии зардаи зард ду маротиба коркарди кимиёвӣ бо истифода аз заҳрдоруи Фолекур ва Тилт гузаронида шуданд. Ҳосили пухта расидаи навъу намунаҳои гандуми парваришгоҳ санаҳои аз 16 то 20-уми моҳи июн ҷамъоварӣ карда шуданд.

Дар таҷрибаи саҳроӣ зиёда аз 80 намунаи гандуми ватанию хориҷӣ дар парваришгоҳи коллексионӣ омӯхта шуданд. Бо ҷамъбасти натиҷаи мушоҳидаҳои фенологӣ ва таҳлили аломатҳои биометрикӣ 10 намунаи гандуми ҳосилнокиаш баланд, тобовар ба касалиҳо ва тағирёбии иқлим интихоб карда шуданд.

Таҳлили мушоҳидаҳои фенологӣ маълум намуданд, ки навъу намунаҳои гандуми дар санҷиш буда, дар 212-225 рӯзи баъди сабзиш пухта расиданд. Баландии қади растании онҳо 85,0-105,0 см ва ба хобравӣ устуворанд. Растании онҳо ба касалии замбӯруғии зардаи зард, сиёҳаки сахту чангин тобовар. Ранги хӯшаҳо асосан зардчатоб, дар баъзе намунаҳо ҷигарӣ. Хӯшаҳо қилтириқдор. Миқдори танаи умумӣ 4-6 аз он 3-5-тоаш ҳосилдеҳ. Дарозии хӯша баробари – 8-11,6 см (ҷадвали 1).

Таҳлили биометрии намунаҳои гандум маълум намуд, ки намунаҳо дорои нишондиҳандаҳои селексионии миқдори дони 1 хӯша 36-48, вазни 2,4-3,7 г ва вазни 1000 донаи 42,0-53,0 грамм мебошанд. Шакли дон дарозрӯя, доирашакл, рангаш сафед ва дар баъзе намунаҳо қаъвагӣ. Шишамонандиаш миёна ва ҳосилнокии дон 54,0-61,4 сентнер аз ҳар гектарроташкил медиҳад.

Ҷадвали 1

**Давомнокии давраи нашъунамо ва нишондиҳандаҳои морфологии намунаҳои гандум**

| Номгӯи навъу намуна | Давомнокии давраи нашъунамо, рӯз | Баландии қади растанӣ см | Миқдори тана, адад | | Дарозии хӯша, см |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | ҳосилдеҳ | |
| Ормон (Тоҷикистон) | 215 | 95,5 | 4,0 | 3,0 | 8,8 |
| SHARK-6/3/CROC1/AE.SOUARROSA (224)//2*OPATA (Туркия) | 225 | 96,0 | 5,0 | 4,0 | 8,5 |
| SOM-6//CA8055/GRK (Туркия) | 212 | 85,0 | 4,0 | 3,0 | 9,5 |
| GRK/CTY//MESA/3/RL6043/4*NAC/4/MNCH (Туркия) | 225 | 105,0 | 6,0 | 5,0 | 11,5 |
| ATTILA/3/AGRI/NAC//MLT (Туркия) | 218 | 95,0 | 5,0 | 4,0 | 8,5 |
| KATIA (Болгария) | 224 | 92,0 | 5,0 | 4,5 | 8,0 |
| KONYA (Мексика, Амрико) | 223 | 91,0 | 5,0 | 4,0 | 8,0 |
| BUGDAY/3/AGRI/BJY//VEE/4/AGRI/BJY//VEE (Туркия) | 225 | 102,0 | 5,0 | 4,0 | 11,5 |
| KSK46/BUC//DARI-16 (Туркия) | 218 | 90,0 | 5,0 | 4,0 | 10,5 |
| 338-K1-1//ANB/BUC/3/KIRGIZ (Туркия) | 220 | 105,0 | 6,0 | 5,0 | 11,6 |

Таҳлили биометрии намунаҳои гандум маълум намуд, ки намунаҳо дорои нишондиҳандаҳои селексионии миқдори дони 1 хӯша 36-48, вазни 2,4-3,7 г ва вазни 1000 донаи 42,0-53,0 грамм мебошанд. Шакли дон дарозрӯя, доирашакл, рангаш сафед ва дар баъзе намунаҳо қаъвагӣ. Шишамонандиаш миёна ва ҳосилнокии дон 54,0-61,4 сентнер аз ҳар гектарроташкил медиҳад.

Ҳосили бештари дон аз намунаҳои BUGDAY/3/AGRI/BJY//VEE/4/AGRI/BJY//VEE- 61,4 с/га, KSK46/BUC//DARI-16- 58,1 с/га, 338-K1-1//ANB/BUC/3/KIRGIZ- 57,1 с/га ва KONYA- 56,8 с/га рӯёнида шуданд, дар муқоиса бо навъи назоратӣ ( 49,6 с/га) – 7,2-11,8 с/га зиёд мебошад (чадвали 2).

Ҷадвали 2

**Тавсифи нишондиҳандаҳои биометрии намунаҳои гандум**

| Номгӯи навъу намуна | Дон дар як хӯша, адад | Ранги дон | Шакли дон | Шишамо нандӣ | Вазни 1000 дон, г | Ҳосил-нокӣ, с/га |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ормон (Тоҷикистон) | 39 | сафед | гирда | Миёна | 38,3 | 49,6 |
| SHARK-6/3/CROC1/AE.SOUARROSA (224)//2*OPATA (Туркия) | 40 | ҷигарӣ | дарозрӯя | Паст | | 54,7 |
| SOM-6//CA8055/GRK (Туркия) | 42 | ҷигарӣ | дарозрӯя | Миёна | 40,0 | 55,8 |
| GRK/CTY//MESA/3/RL6043/4*NAC/4/MNCH (Туркия) | 44 | гирда | зард | Миёна | 45,3 | 57,1 |
| ATTILA/3/AGRI/NAC//MLT (Туркия) | 40 | гирда | сафед | Паст | 44,2 | 54,0 |
| KATIA (Болгария) | 36 | дарозрӯя | ҷигарӣ | Миёна | 39,6 | 52,6 |
| KONYA (Мексика, Амрико) | 38 | дарозрӯя | ҷигарӣ | Миёна | 41,6 | 56,8 |
| BUGDAY/3/AGRI/BJY//VEE/4/AGRI/BJY//VEE (Туркия) | 45 | дарозрӯя | зардча | Миёна | 49,4 | 61,4 |
| KSK46/BUC//DARI-16 (Туркия) | 41 | дарозрӯя | сафед | Миёна | 42,2 | 58,1 |
| 338-K1-1//ANB/BUC/3/KIRGIZ (Туркия) | 43 | гирда | ҷигарӣ | Миёна | 41,0 | 57,1 |

**ХУЛОСА**

Дар натиҷаи омӯзиш ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои морфо-биометрии намунаҳои гандум 10 намунаи сермаҳсули ба касалию ҳашаротҳои зараррасон тобовар ва мутобиқ ба тағирёбии иқлим интихоб карда шуд.

Таҳлилҳои морфо-биометрӣ нишон доданд, ки намунаҳо дорои давомнокии давраи нашъунамои 212-225 рӯз, баландии қади ниҳоли 85,0-105,0 см, миқдори танаи ҳосилдеҳ – 3-5, дарозии хӯшаи 8,0-11,6 см, миқдори дони 1 хӯшаи 36-45, вазни 1000 донаи 39,6-49,4 г ва ҳосилнокии 52,6-61,4 с/га мебошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Доспехов Б.А.- Методика полевого опыта.- М.: Агропромиздат, 1985.-183с.
2. Стихин М.Ф., Денисов В.Н. Озимая рожь и пшеница в нечерноземной полосе.- Ленинград: Колос, 1977.-С. 80-88.
3. Лошкарева А.Ф., Карамхудоев Л. Итоги селекционной работы с пшеницей в Таджикистане//Зерновые и зернобобовые культуры.-Душанбе, 1983.-С. 3-15.

*Филиали Институти зироаткории АИКТ дар вилояти Суғд*

## МОРФОБИОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОРТООБРАЗЦОВ ПШЕНИЦЫ В УСЛОВИЯХ КАМЕНИСТЫХ ПОЧВ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

***Н. М. АСОЗОДА, ДЖ. А. ВАЛИЕВ***

В ходе исследований изучались 10 сортообразцов пшеницы отечественного и зарубежного происхождения. Продолжительность их вегетационного периода варьировала в диапазоне 212-225 дней, высота растений – от 85,0 до 105,0 см, длина колоса – от 8,0 до 11,6 см, число продуктивных стеблей составляло 3-5, количество зёрен в колосе – 36-45, вес 1000 семян - 39,6-49,4 г, урожайность зерна - 52,6-61,4 ц/га.

По результатам исследований установлено, что сортообразцы BUGDAY/3/AGRI/BJY//VEE/4/AGRI/BJY//VEE, KSK46/BUC//DARI-16, 338-K1-1//ANB/BUC/3/KIRGIZ ва KONYA, отличаются устойчивостью к болезням, вредителям, адаптированностью к почвенно-климатическим условиям и наиболее высокой урожайностью, на 7,2-11,8 ц/га превосходящей контрольный, районированный сорт Ормон (49,6ц/га).

**Ключевые слова:** *морфобиологические особенности, пшеница, отечественные и зарубежные сортообразцы, каменистые почвы, урожайность*.

**MORPHO-BIOLOGICAL FEATURES OF WHEAT VARIETIES UNDER STONYSOILS OF THE SUGHD REGION**

***N. M. ASOZODA, J. A. VALIEV***

| Расходы на измерительную технику и выявление потерь от ошибок измерения. | - Проведение полевых семинаров, гарантийный ремонт измерительной техники, фирменное обслуживание, приобретение партий товаров по образцам и т.д.<br>-Реализация кластерной политики в секторе малых форм хозяйствования в зерновом хозяйстве. | -Предупреждение оппортунистического поведения.<br>-Экономия на затратах по поиску информации, защита своих интересов. |

| | | |
|---|---|---|
| **Расходы по ведению переговоров** | | |
| Ресурсы на проведение переговоров и оформление контрактов. | -Организация зерновых площадок, использование системы электронных торгов, фьючерсных сделок.<br>-Обоснование правового сопровождения сделок, контрактов. | Снижение уровня расхода ресурсов, необходимых для реализации продукта. |
| **Затраты оппортунистического поведения** | | |
| Расходы, возникшие в результате риска занижения стоимости товаров и услуг, а также трудностями точной оценки пост контрактного поведения контрагентов. | -Содействие при поиске информации потенциальных покупателей и продавцов.<br>- Развитие системы страхования;<br>-Усиление взаимодействия фермеров в системе сельского консультирования.<br>-Принятие хозяйствующими субъектами эффективных управленческих решений, основанных на комплексной оценке рыночных процессов.<br>-Реализация кластерной политики.<br>-Развитие интеграционных структур в зерновом хозяйстве.<br>-Организация доступа хозяйствующих субъектов всех форм на рынки населённых пунктов. | -Снижение доли издержек негативного характера и минимизация риска потери дохода (упущенной выгоды).<br>–Избежание непродуктивных посреднических звеньев.<br>-Поиск оптимальных каналов реализации и формирования на рынке эффективных продуктовых цепочек. |
| **Издержки, связанные со спецификацией и защитой прав собственности** | | |
| Затраты времени и ресурсов для восстановления нарушенных прав | -Формализованный юридический контроль.<br>-Пропаганда соблюдения общепринятых норм и правил поведения на рынке. | -Возможность планировать, контролировать и регулировать уровень трансакционных издержек |

Отсутствие стратегического управления и эффективного маркетинга расходов влияет на поиск устойчивых и надёжных партнеров, увеличивает затратность производства зерновой продукции. Это нишу на рынке занимают посредники, и их многочисленность в экономике Республики Таджикистан и относительно высокие издержки оказывают значительное влияние на уровень цен зерновой продукции. Это приводит к тому, что розничные цены на некоторые продукты в 2-3 раза выше, по сравнению с оптовыми. Следовательно, необходимо осуществить переход к стратегическому управлению трансакционными издержками. Однако, на пути к достижению управления существует ряд проблем [5].

Многие хозяйствующие субъекты зернового хозяйства, функционирующие в условиях переходной экономики, не всегда осознают возможность улучшения их конкурентного статуса путём организации управления трансакционными затратами. Проблемы хозяйств в этой области часто связаны с типичными ошибками, которые они допускают в ходе оценки и улучшения своей позиции по затратам.

**ЗАКЛЮЧЕНИЕ**

На основании проведённых исследований следует вывод, что разработка системы управления и регулирования трансакционными издержками на предприятиях зерновой отрасли невозможна без учёта влияния государственного регулирования координационных процессов и взаимоотношений между хозяйствующими субъектами. Основными составляющими его механизма, направленного на сокращение трансакционных издержек, являются меры государственной поддержки, совершенствование нормативно-правового обеспечения деятельности субъектов рынка, реализация

кластерной политики, развитие институтов инфраструктуры и организация продаж сельхозпродукции и её переработки через товарные биржи. Реализация предлагаемого механизма позволит использовать новые, адекватные рыночной экономике методы и инструменты регулирования рынка АПК, что будет способствовать стабильности его отраслей и создаст предпосылки для решения стратегических национальных задач. Производители сельскохозяйственной продукции получат возможность равного доступа к каналам распределения в условиях снижения асимметрии информации и трансакционных издержек.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Иванов Е. Потенциал предприятия СССР//Плановое хозяйство.-1977.-№6.-С.5.
2. Мирсаидов А.Б., Набиева З.Т. Теория трансакционных издержек и их рационализация в традиционно-аграрной экономике // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук.-2014.- №2 (40).- С. 57-63.
3. Набиева З.Т. Трансакционные издержки в системе хозяйственной деятельности аграрных предприятий // Кишоварз.-2014.- № 3 (63).- С.88-91.
4. Набиева З.Т. Совершенствование механизмов управления трансакционными издержками в зерновом хозяйстве// Экономика Таджикистана. – 2016 –№ 1. – С. 67-72.
5. Хачатуров Т. Эффективность социалистического общественного производства //Вопросы экономики.-1980.-№7.-С.3-16.
6. Хейнман С. Производственный и научно-технический потенциал СССР//Вопросы экономики.-1982.-№12.- С.15.
7. Эрроу К. Возможности и пределы рынка как механизма распределения ресурсов.- М., 1995.-С.20.


*Таджикский аграрный университет имени Ш.Шотемур (ТАУ);*
*Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан*

## НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТҲОИ ТРАНСАКСИОНИ ДАР ХОЧАГИҲОИ ҒАЛЛАКОР

***З.Т.НАБИЕВА, Т.Т. НАБИЕВ***

Дар мақола хусусиятҳои хароҷоти муомилот ва унсурҳои асосии **низоми** идоракунии онҳо муҳокима карда мешаванд. Мутобиқати агентҳои иқтисодӣ, дар шароити иқтисоди бозор, ба хароҷоти зиёди муомилот боиси таҳияи чораҳои дахлдор оид ба идоракунӣ ва танзими хароҷоти муомилот мегардад. Чораҳои муалифон пешниход намуда барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагии кишоварзии галлакор дар давраҳои дарозмуддатӣ нигаронида шудаанд.

***Калимаҳои калидӣ:*** *низоми идоракунӣ, хароҷоти муомилот, хоҷагиҳои ғаллакор, мутобиқшавӣ.*

## TRANSACTION COSTS MANAGEMENT SYSTEM IN THE GRAIN FARM

***Z. T. NABIEVA, T. T. NABIEV***

The article discusses the features of transaction costs and the main elements of their management system. The adaptation of economic agents in a market economy to high transaction costs necessitates the development of appropriate measures for their management and regulation. The mechanism proposed by the authors has the goal of increasing the efficiency of the functioning of economic entities of the grain economy in the long term.

***Key words:*** *management systems, transaction costs, grain farms, adaptation.*

***Контактная информация:***
*Набиева Заррина Толибовна, к.э.н., старший преподаватель кафедры «Финансы и кредит» учётно-финансового факультета ТАУ имени Ш.Шотемур;*
*Республика Таджикистан, г. Душанбе, 734003, пр. Рудаки, 146;*
*Набиев Тахир Толибович, д.э.н., профессор кафедры «Управление государственными ресурсами» Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан;*
*Республика Таджикистан, г. Душанбе, 734003, ул. Саид Носир, 33*

УДК 330.332:63 (575.3)

# ВАЗЪИ МУОСИРИ ҶОЙГИРКУНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВОДИИ ЗАРАФШОН

***Ш.Т.ОДИНАЕВ, М.Б.НИЁЗОВ***

*(Пешниҳоди академики АИКТ Ҷ.С. Пиризода)*

**Мақола ба дигаркуниҳое, ки дар таркиби раванди вазъи ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ ҷой дошт бахшида шудааст. Муаллифон ба он ақида ҳастанд, ки вазъи муосири ҷойгиркуни истеҳсолот ба шароити табиию - иқлимӣ, иҷтимоию - иқтисодӣ вобаста аст. Зарурати ислоҳоти замин, бо мақсади ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ барои беҳбудии сатҳу сифати зиндагӣ, тақсимоти заминҳои наздиҳавлигӣ ва миқдори онҳо омӯхта шудааст.**

**Дар мақола вазъи имрӯзаи истифодабарии замин, ҷойгиркунии зироатҳо, ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ, омӯхтани ҳолати имрӯзаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, мушкилот ва пешниҳодҳо дарҷ гардидаанд, ки мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.**

***Калимаҳои калидӣ:*** *замин, ҷойгиркунӣ, истеҳсолот, ислоҳоти замин, хоҷагиҳои деҳқонӣ, норасоии оби полезӣ, инфрасохтори роҳи минақа, коперативикунонӣ.*

Бинобар сабаби пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, инчунин аз ҳисоби дигар душвориҳо, давлат дар ҳамон вақт натавонист фаъолияти мӯътадили хоҷагидории кишоварзиро таъмин намояд. Аз ҳамин сабаб, зарурияти ислоҳоти замин бо мақсади ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, аз ҷумла: инфиродӣ, ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ассотсиатсияҳо, кооперативҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба миён омаданд. Он заминҳои ҳосилхезе, ки бо шабакаҳои обёрикунанда таъмин нестанд ба заминҳои аз кишт берунмонда майл мекунанд.

Бинобар ҳамин, бо назарбошти муносибати бошуурона қадамҳои аввалини таърихӣ, яъне ба имзо расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷудо намудани 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон» аз 09.10.1995 № 342 гузошта шуданд, ки дар натиҷа дар мамлакат истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ якбора зиёд гардида, сатҳи зиндагии мардум, махсусан дар ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ, ки аз сабабҳои мавҷудияти шабакаҳои вайроншудаи обёрӣ, мавҷуд набудани роҳи автомобилӣ, расонидани маҳсулоти ғизоӣ хело меҳнатталаб ва хавфнок буд, баланд гардид [1 с. 78-79].

Чунин натиҷаи мусбиро Ҳукумати ҷумҳурӣ мушоҳида намуд ва аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ дар соли 1997, таҳти № 874 фармон «Дар бораи ҷудо намудани 25 ҳазор гектар барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон», ба имзо расонида шуд [1.с.80]. Ин ҳам бошад барои баланд

бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурӣ равона гардида буд.

Бояд қайд кард, ки кооператсия якҷояшавии корхонаҳо барои истеҳсоли муштараки намуди муайяни маҳсулот бо дарназардошти мустақилияти онҳо мебошад ва раванди нави хоҷагидориро муайян мекунад. Ба андешаи мо чунин кооператсияҳоро дар минтақаи водии Зарафшон ба роҳ мондан зарур аст, то ки хоҷагиҳои хурд дар якҷоягӣ истеҳсолоти муштаракро ба роҳ монанд.

Ба ақидаи Азизов Ф.Х., Умаров Ҳ.У., «Шаклҳои кооперативии ташкили истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва хизматрасониҳои онҳо яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ ба ҳисоб мераванд. Дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки дар он ҷо шароитҳои сахти истеҳсоли хоҷагиҳои қишлоқ воқеъ буда, коорпаратсияҳо аз қувваҳои истеҳсоли иловагӣ ва самаранок баромад менамоянд» [2].

Яке аз вазифаҳои асосии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ аз он иборат аст, ки сохтори нави хоҷагидорӣ, бояд ба талаботи иқтисодии бозор ҷавобгӯ бошад. Дар ин самт молу маҳсулоти кишоварзӣ вобаста ба талаботи бозорӣ истеҳсол гардад.

Ҷадвали 1

**Шумораи хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2019 *[3]***

| Номгӯи вилоятҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| в.МКБ | 134 | 78 | 145 | 15471 | 16059 | 16007 |
| в. Суғд | 30835 | 50472 | 57868 | 61591 | 64615 | 65174 |
| в. Хатлон | 52570 | 47540 | 57219 | 57609 | 60212 | 58704 |
| НТМ | 24496 | 25282 | 29875 | 29960 | 31782 | 32090 |
| Дар маҷмӯъ | 108035 | 123372 | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 |

Аз ҷадвали 1 муайян мегардад, ки ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Суғд нисбати дигар минтақаҳо афзалият дорад. Масалан, дар соли 2019 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 65174 [3], буда нисбати вилояти Хатлон 1,1 нисбати НТҶ 2 маротиба зиёд мебошанд.

А.Петриков қайд менамояд, ки «Хсусиятҳои асосии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар қонунгузории мамолики тараққикарда чунин эътироф мегардад, ки ба деҳқонон имкон медиҳад, барои дастгирии хоси буҷавӣ иддао кунанд» [4]. Назарияи мазкурро дар минтақаҳои кӯҳии камзамини водии Зарафшон, низ бояд таҳия намуд. Онҳоро тавассути хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) оилавӣ ва ғайриоилавӣ ба роҳ монда, фаъолияти соҳибкории деҳотро рушд дод.

Аз таҳлилҳо муайян гардид, ки баъд аз ислоҳоти аграрӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба монанди хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкил карда шудаанд, ки пеш аз ҳама барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо, инчунин ба паст кардани сатҳи бекорӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Аз маълумотҳои расми 1 бармеояд, ки дар шаҳри Панҷакент мунтазам афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ мушоҳида карда мешавад. Дар соли 2014 шумораи онҳо 2535 ададро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 5226 адад расида, нисбат ба соли 2019, 2 маротиба зиёд мебошад.

Яке аз хусусиятҳои мусбии он пеш аз ҳама аз мусоид будани омилҳои иқлимӣ, вобастагии калон дорад. Дар як сол дар ин ҷо 2 маротиба ҳосил гирифтан мумкин аст. Бинобар ин, деҳқонон ҳавасманд буда, кӯшиш мекунанд, ки шаклҳои нави хоҷагидориро зиёд намоянд ва озодона молу маҳсулоти дар бозор рақобатпазирро истеҳсол намоянд.

Асосгузори иқтисоди сиёсии классикӣ А. Смит «Соҳибкории аграриро ҳамчун молике тасвир мекунад, ки барои гирифтани фоида сайъ дорад ва ин тамоюл ӯро ба таваккал водор месозад» [5]. Назарияи таваккал идомаи худро дар тадқиқоти илмии Ф.Найт

ёфтааст, ки ӯ мафҳумҳои «таваккал» ва «номуайянӣ»-ро маҳдуд карда, таҳти мафҳуми даромади соҳибкор фарқияти байни фоидаи воқеии пулӣ ва фоидаи пешгӯишавандаро пешниҳод намуд [6]. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва пайдо шудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба деҳқонон имконият дод, ки озодона манфияти саҳмдорон ва коллективро ба инобат гирифта фоидаи воқеӣ, пешгӯишаванда ва таваккалро омӯзанд, ки онҳо имконияти фоида ба даст оварданро пайдо намоянд.




Расми 1. **Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар водии Зарафшони ҶТ, дар солҳои 2014-2019 [9, 10, 11]**

Донахонов И.С., қайд менамяд, ки «Соҳибкории деҳот ба ақидаи мо, соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзиро дар деҳот фаро мегирад, чӣ хеле, ки таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, рушди самарабахш ва бемайлони соҳибкории кишоварзӣ аз сатҳи тараққиёти соҳибкории ғайрикишоварзӣ бисёр вобаста аст» [7].

Мақсади асосии гузаронидани ислоҳоти замин дар ҷумҳурӣ ин муҳайё намудани шароит барои рушди баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар замин, ташаккули иқтисодиёти бисёрсоҳа, истифодаи оқилона ва ҳифзи замин иборат буда, барои зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудааст [8].

Дар ҷараёни гузаронидани ислоҳоти замин ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ва коллективи меҳнатӣ дар интихоби ихтиёрии шакли заминдорӣ, истифодабарии он ва фаъолияти хоҷагидориро таъмин менамояд.

Тибқи назария, ҳақиқатан деҳқонон дар ҳолати соҳиб шудан ба замин, яъне ҳуқуқи соҳибию истифодабарии замин як қатор бартариятҳоро доро мебошад. Масалан, фаъолияти озоди истеҳсолӣ, соҳибкорӣ ва барномаи истеҳсолияшро вобаста ба иқлим ва ҳосилхезии хоки замин тартиб медиҳад. Дар ин ҳолат деҳқонон имконияти ба кор машғул шуданро пайдо менамоянд.

Артур Ян таъкид мекунад, ки «Деҳқон сеҳри моликияти регро ба тилло табдил медиҳад» [8]. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳолати самаранок истифода бурдани замин, деҳқони асил ва аъзоёни ӯ ҳамчун сармоя баромад мекунанд.

Дар ҳолати хуб омадани обу ҳаво, он барои истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, фоидаовар мебошад. Ҳадафи ислоҳоти замин низ

аз он иборат аст, ки замин соҳиби худро ёбад, то киислоҳоти бозории аграрӣ самараи хуб диҳад.

Бинобар ин, истеҳсолоти кишоварзӣ қисми ҷудонашавандаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ, коллективҳои иҷоравӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, корхонаҳои саҳҳомӣ, байнихоҷагӣ ва агросаноатӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ дар як шакл – ба сифати молистеҳсолкунандагон фаъолият менамоянд.

Соҳаи кишоварзӣ аз дигар соҳаҳо бо хусусиятҳои тибиию иқлимӣ фарқ мекунад ва дар иқтисоди бозорӣ зарурати ислоҳоти заминро дар минтақаҳои кӯҳӣ талаб менамояд. Яъне маҳсулотҳое, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ самараи хуб медиҳанд, бояд, вобаста ба иқлими он истеҳсол карда шаванд. Дар шароити имрӯза, барои беҳтар ба роҳ мондани ислоҳоти заминӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, механизми иқтисодии он муайян карда шавад, ки ба истеҳсолкунандагони маҳсулот самараи бештар диҳанд.

Ҷадвали 2

**Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии шаҳри Панҷакент дар солҳои 2015-2019, ҳазор сомонӣ [9]**

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | 2019/2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Бо ҳисоби. % |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | ҳазор. сомонӣ | 785,2 | 672,6 | 801,7 | 802,8 | 873,6 | 111,25 |
| Растанипарварӣ | ҳазор. сомонӣ | 616,3 | 489,0 | 606,1 | **587,5** | **647,2** | 105,0 |
| Чорводорӣ | ҳазор. сомонӣ | 168,9 | 183,5 | 195,5 | **216,3** | **227,4** | 134,6 |
| Шумораи коргарони соҳаи кишоварзӣ | ҳазор нафар | 31,7 | 31,7 | 31,6 | 31,4 | 31,9 | 100,6 |
| Музди миёна | сомонӣ | 320,1 | 453,6 | 481,9 | 487,1 | 450,2 | 140,6 |

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки истеҳсолоти маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2019 647,2 ва маҳсулоти чорводорӣ 227,4 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2015 3,6 ва 2,8 маротиба зиёд мебошад [9]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ нисбат ба ба чорводорӣ бештар аст. Рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо ҷиҳатҳои иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро 85,5% аҳолии (254540 нафар) қобили меҳнат дар деҳоти шаҳр зиндагӣ доранд. Бинобар ин, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст.

Ҷадвали 3

**Ҳаҷми умумии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2015-2019, ҳазор сомонӣ**

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | 2019/2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | бо ҳисоби, % |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | ҳазор. сомонӣ | 100,0 | 113,0 | 133,4 | 132,8 | 135,6 | 135,6 |
| Растанипарварӣ | ҳазор. сомонӣ | 537,0 | 546,0 | 637,0 | 695,5 | 704,1 | 131,2 |
| Чорводорӣ | ҳазор. сомонӣ | 43,0 | 58,0 | 57,0 | 63,3 | 64,5 | 150 |
| Шумораи коргарони соҳаи кишоварзӣ | ҳазор нафар | 14,0 | 13,0 | 12,0 | 12,2 | 11,8 | 0,84 |
| Музди миёна | сомонӣ | 222,5 | 287 | 441,7 | 449,2 | 455,4 | 204,6 |

Соҳаи растанипарварӣ дар ноҳия нисбати соҳаи чорводорӣ рушд карда истодааст. Масалан, соли 2015 537 ҳазор сомониро ташкил дода бошад ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 704,1 ҳазор сомонӣ ё 131,2%-ро ташкил додаст [10]. Масоҳати калони ноҳияро чарогоҳҳои мавсимӣ ташкил диҳанд ҳам, вале соҳаи чорводорӣ на он қадар рушд карда истодааст. Масалан, истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар соли 2015 43 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 64,5 ҳазор сомонӣ расонида шудааст. ки ба ҳар сари аҳолии ноҳия 0,86 сомонӣ рост меояд. Омили дигаре, ки ба ин соҳа таъсир мерасонад, набудани чорвои хушзоти гуштиву ширӣ мебошад.

Ҷадвали 4

**Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар солҳои 2015-2019, ҳазор сомонӣ [11]**

| Номгӯй | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | 2019/2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Бо ҳисоби фоиз |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | ҳазор. сомонӣ | 227,8 | 221,8 | 255,0 | 242,7 | 265,7 | 116,6 |
| Растанипарварӣ | ҳазор. сомонӣ | 184,6 | 177,2 | 200,5 | 185,6 | 208,8 | 113,1 |
| Чорводорӣ | ҳазор. сомонӣ | 43,1 | 44,6 | 54,5 | 57,1 | 57,9 | 134,3 |
| Шумораи коргарони соҳаи кишоварзӣ | ҳазор нафар | 6,3 | 6,8 | 7,0 | 7,9 | 8,2 | 130,2 |
| Музди миёна | сомонӣ | 257,4 | 406,6 | 417,0 | 433,8 | 440 | 170,9 |

Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2015 227,8 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 265,7 ҳазор сомонӣ расонида шудааст ё 116,6% зиёд мебошад. Инчунин истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ 113,1% чорводорӣ 134,3% сатҳи миёнаи музди кор 170,9% шумораи коргарони соҳа 130,2%-ро ташкил медиҳад [11].

Ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ системаи ҳисоби хоҷагӣ, нархҳои хариди маҳсулоти хоҷагии деҳот, нархҳои яклухти воситаҳои истеҳсолот, системаи қарз ва тақсими фоида, музди меҳнат, ҳавасмандкунии моддӣ ва дигар фишангҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд.

Мақсади дигаргунсозии иқтисодиёти деҳот дар он аст, ки ба деҳқонон имконияти васеи мустақилият, ташаббускор будан, васеъ истифода кардани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ – хоҷагиҳои деҳқонӣ, иҷоравӣ, колхозҳо, совхозҳо, агрофирмаҳо, агрокомбинатҳо, хоҷагиҳои ёрирасони деҳқонию шахсӣ ва ғайра дода мешавад.

Яке аз иқтисоддони Полшагӣ Л. Бальсерович чунин меҳисобад: «Механизми бозоргонӣ – ин усули ҳамоҳангсозӣ (координация) байни талабот ва пешниҳод дар горизонталӣ, аммо бозоргонӣ бошад, он системаи иқтисодиест, ки дар он механизми бозоргонӣ ба сифати усули асосии пайвасткунанда дар фазои тақсимоти молҳо баромад мекунад» [12].

Унсурҳои асосии механизми бозоргонии хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ чун дар ҳама истехсолоти молӣ нарх, талабот, пешниҳод ва ракобат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиётҳои корхонаҳои давлатӣ дар мtханизмҳои иқтисодиёти нақшавӣ ва бозоргонӣ чунин ба роҳ монда шуданд, ки дар ҷадвали 5 зикр гардидааст.

Ҷадвали 5

**Амалиёти корхонаҳои давлатӣ дар шароити фаъолияти механизмҳои хоҷагидории нақшавӣ ва бозоргонӣ [12]**

| № | Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Механизми хоҷагидории нақшавӣ | Механизми хоҷагидории бозоргонӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Истеҳсоли маҳсулот | Нақшаи давлатӣ | Интихоби озоди фаъолияти истеҳсолӣ |
| 2 | Сарчашмаҳои молиявии маблағгузорӣ | Буҷети давлатӣ | Сарчашмаҳои худӣ (фоида ва ғайра) |
| 3 | Хариди воситаҳои истеҳсолот | Тақсимоти лимитӣ ва фондӣ | Интихоби озоди фурӯшандагони воситаҳои истеҳсолот дар бозор |
| 4 | Музди меҳнат | Ратсенкаҳо, тарифҳо, моҳонаҳои давлатӣ | Вобаста ба натиҷаҳои ниҳоии меҳнат |
| 5 | Фурӯши маҳсулот | Вобастакунии давлатӣ ба истеъмолкунандагон | Интихоби озоди истеъмолкунандагон дар бозор |
| 6 | Нархи маҳсулот | Нархгузории давлатӣ | Нархҳои бозорӣ |
| 7 | Фоида | Аз корхонаҳои даромаднок гирифта ба зарарнок дода мешавад | Дар ихтиёри корхона мемонад (баъди пардохти андоз) |
| 8 | Ташаккулёбии фондҳои ҳавасмандкунии иқтисодӣ | Меъёрҳои давлатӣ | Ташаккулёбии мустақилона. |

Агар бозорро ҳамчун омили муносибатҳои бозоргонӣ назар намоем, он маҷмӯи харидорон ва фурӯшандагон буда, бо таъсиррасонии онҳо имконияти ивази молро ба вуҷуд меорад. Аммо, дар инҷо муносибати байни истеҳсолкунандагон ва савдогарони миёнарав, аз ҳама муҳимаш муносибати байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон дида мешавад. Масалан, яке аз омилҳои болоравии нархи маҳсулотҳои кишоварзӣ, ин миёнаравии байни молистеҳсолкунандагони ҳақиқӣ (деҳқон) ва харидорони аслӣ ба ҳисоб меравад.

Барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии минтақа зарур аст, ки шароити хуб барои молистеҳсолкунандагон (деҳқонон), муҳайё созем, то ки онҳо молу маҳсулоти худро бе мамоният ва бо нархҳои муайяни бозорӣ пешкаши харидорон намоянд. Масалан, дар бозори «Деҳқон» 4 нафар фурӯшанда (2 деҳқон ва 2 соҳибкори миёнарав) як намуди молу маҳсулот савдо мекунанд. Дар ҳолати бо нархи арзон фурӯхтани деҳқонон ҳатман аз тарафи соҳибкорони миёнарав нисбати деҳқон бо ҳар роҳу усул фишор оварда мешавад. Чунки миёнаравҳо дар ин ҳолат зарар мебинанд.

Дар ҳолати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва самаранок истифода бурдани ислоҳоти бозории аграрӣ, имконияти аз як маҳсулот аз 1,5 - 2 маротиба фоида ба даст оварданро пайдо менамояд. Масалан, дар ноҳияи Айнӣ ё Панҷакент истеҳсоли помидор ба роҳ монда мешавад ва дар ҳолати пухта расидан нархи 1 кг – и он аз 1,5 то 3 сомонӣ ба фурӯш бароварда мешавад, вале дар фасли зимистон бо нархи гарон ҳамин маҳсулотҳоро тайёр карда ба мо мефурӯшанд, хусусан фишурдаи помидорро. Ё ин ки бинобар сабаби ноустувории роҳи мошингард дар қисми болоии дарёи Зарафшон, имконияти саривақт ва босифат ба фурӯш баровардани меваи тар қариб, ки имконнопазир аст.

Аз ин лиҳоз, ба мо лозим аст, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ сехҳои бастабандӣ ва консерваи меваро ба роҳ монда сатҳи даромаднокиро баланд бардорем. Афзалияти иқтисодиёти бозоргонӣ аз иқтисодиёти маъмурӣ – банақшагирӣ дар он аст, ки бозор нисбатан дорои хусусияти системаи демократӣ- иқтисодӣ мебошад. Яъне ҳама харидорон имконияти якхелаи хариди молҳои заруриро (воситаҳои истеҳсолот, маводҳои хӯрока ва ғайра) доранд.

У. Пете чунин қайд менамояд: «Деҳқон аз замин дур шавад замин бе модар бе падар гашта, тадриҷан ба камшавии хосияти замин ва сармоя оварда мерасонад». Деҳқонону кишоварзони асил сармояи бебаҳои инсониaнд, ки бо камтарин арзиш шукргузоранд. Деҳқонони асил дар соҳаи кишоварзӣ ғамхорӣ зоҳир карда, ҳаргуна фишангҳои иқтисодию дастгириҳои давлатиро истифода мебаранд.

Хароҷоти буҷет барои пиёдасозии сиёсати аграрӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои охир дар давлатҳои ИМА 271, долл. ИМА, Канада – 238, , кишварҳои иттиҳоди аврупо 580 ва Туркия 124, долл. ИМА -ро, ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ин нишондиҳанда 0,85-1 долл. ИМА - ро, ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар шакли субсидияҳо сол аз сол аз байн рафта истодааст [13].

Барномаи дарозмуддати рушди кишоварзии ҷумҳурӣ афзоиши даромадро ба ҳар сари аҳолии деҳот бо ногузирии якбора баланд бардоштани боздеҳии замин дар асоси интенсификатсияи тамоми хоҷагиҳои деҳот, бо бартарии инкишоф додани соҳаи даромаднокиашон баланд, пеш аз ҳама, боғу ангурпарварӣ, алоқаманд месозад. Масалан, дар ноҳияи Панҷакент дар соли 2015 3016 га, 2016 3090 га, 2017 3077 га боғоти мевадиҳанда ва токзорҳо, мутонасибан 1478 га, 1466, ва 1496 га, тутзор дар истифодаи аҳолии ноҳияи Панҷакент қарор доранд [14].

Масоҳати боғ, аз масоҳати токзор 0,48 маротиба вале истеҳсолоти ангур нисбати меваҷот 0,69 маротиба зиёд аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ноҳия истеҳсоли ангур самараи хуб дода истодааст.

Дар ноҳияи Айнӣ масоҳати боғ дар соли 2015, 786 га, 2016, 783 ва 2017, 786 га ва тутзор дар умум 48 га – ро ташкил

медиҳад. Дар ин ноҳия токзор ба қайд гирифта нашудааст.

Нишондиҳандаи боғдорӣ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 511 га-ро ташкил медиҳад ва аҳолии водии Зарафшон аз ин боғу токзорҳо самаранок истифода бурда, эҳтиёҷоти иҷтимоиву иқтисодии худро таъмин менамоянд [14].

Бояд қайд намуд, ки баъди гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва ба соҳиби замин шудани деҳқон, алалхусус дар минтақаҳои кӯҳӣ, сатҳи некуаҳволии мардум хубтару беҳтар шуда истодааст.

Масалан, то ислоҳоти аграрӣ дар ҷумҳурӣ, бинобар сабаби низоҳои иҷтимоӣ, дар минтақаҳои кӯҳӣ сатҳи зиндагии мардум дар ҳолати номувозинатӣ қарор дошт. Аҳолии ин минтақаҳо бо сабабҳои набудани роҳҳои мошингузар ва дар ҳолати вазнин қарор доштани роҳҳо барои интиқол додани маводи озӯкаворӣ, танқисӣ мекашиданд. Бояд қайд намоем, ки дар водии Яғноби ноҳияи Айнӣ, бинобар сабаби ноустувории роҳи мошингард, аҳолии ин минтақа аз интиқоли маводҳои озуқа азият мекашанд. Қисмати зиёди истеҳсолоти кишоварзӣ дар маҳалҳои зисташон кишт карда мешавад, ки аз ҷиҳати эгологӣ тоза ва ба саломатии инсон фоидаи хуб мерасонад.

Ислоҳоти аграрӣ дар маҳалҳои кӯҳӣ накши муҳим мебозад ва соҳибони замин (деҳқонон) кӯшиш менамоянд, ки маҳсулоти ниёзи мардумро истеҳсол намуда, талаботи оилаи худ ва эҳтиёҷоти бозорро таъмин намоянд. Чуноне, ки ба ҳар яки мо маълум аст, дар маҳалҳои кӯҳӣ, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол карда мешаванд. Масалан, дар водии Яғноб тақрибан аҳолии ин минтақа 5-6 моҳ аз деҳаҳои худ бо сабаби банд шудани роҳ, берун баромада наметавонанд. Хусусияти дигари ин минтақа дар он аст, ки қариб, ки маркази саломатӣ дар инҷо амал намекунад, вале саломатии аҳолии минтақа хуб мебошад. Ин гувоҳи он аст, ки истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ба роҳ монда шудааст ва самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ба чашм мерасад.

Дар водии Зарафшон бо вуҷуди пешравиҳои соҳа боз мушкилотҳое мавҷуд аст, ки ба пешравии соҳа монеа эҷод мекунанд:

**Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ:**

- иқлими ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ баҳри парвариши чорводорӣ, парандапарварӣ ва пиллапарварӣ мутобиқ мебошад, аммо то ба имрӯз дар маҳал фермаҳои парандапарварӣ, хоҷагиҳои пиллапарварии аҳамияти минтақавӣ дошта ташкил карда нашудааст. То имрӯз барои ташкили чунин фермаҳо дархостҳо зиёд мебошанд, аммо барои ба роҳ мондани чунин кор сарчашмаҳои маблағгузорӣ зарур мебошад.

**Дар ноҳияи Айнӣ**: Барои ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 105 га. заминҳое, ки аз кишт бо сабабҳои зерин берун мондаанд:

- корношоям гардидани пойгоҳи обкашии Дашти Ҳаштсари, Ҷамоати деҳоти Айнӣ;
- дар натиҷаи лағжиши кух корношоям шудани хати оби полезии мавзеи боғпарварии Ҷамоати деҳоти Рарз;
- нотамом мондани хатҳои оби полезии Ревад – Вота- Ёвон ва Кумарғ-Дашти Сангистон;
- таъмир нагардидани хати оби полезии мавзеи Дашти Кортезкуни Ҷамоати деҳоти Шамтучи деҳаи Дарғ;

**Дар шаҳри Панҷакент:**

- дар соҳаи таъминоти оби полезӣ нарасидани техникаҳои пуриқтидор ҷиҳати тоза намудани каналҳои обёрӣ ва таъмирталаб будани пойгоҳҳои обкашӣ;
- норасоии оби полезӣ дар мавсимҳои гулкунии боғу токзорҳо сари вақт таъмин нашудани маводҳои сӯзишворӣ ва молиданӣ, норасоӣ ва фарсудагии техникаи кишоварзӣ, норасоии химикатҳо ва баланд будани арзиши онҳо, норасоии тухмиҳои хушсифати ба иқлими минтақа мувофиқ, норасоии мутахассисони баландихтисос, сатҳи пасти ташкили истеҳсолот ва норасоии маълумотнокию кумаки машваратӣ ва дигар омилҳое, ки ба истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ таъсир расонида истодааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки қарзҳои имтиёзнок ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонид. Таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодӣ, бад гардидани қобилияти пардохтпазирии қарз аз ҷониби кишоварзон, баланд будани фоизи қарзҳо, кӯтоҳ будани мӯҳлати пардохти қарз ба ин соҳа таъсири манфии худро низ расонида истодааст [15].

Бояд қайд кард, ки айни замон дар бозорҳои дохиливу берунӣ талабот ба маҳсулоти сифатнок ва аз ҷиҳати экологӣ безарар ва тоза зиёд шудааст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар водии Зарафшон бозори фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ, марказҳои логистикӣ ва робитаҳои байни хоҷагиҳоро ба роҳ монда, дар якҷоягӣ истеҳсолотро зиёд намоянд.

Таҳлилҳои пурсишии мо нишон медиҳанд, ки асосан зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ аз ҳисоби аҳолӣ сурат мегирад. Дар шароити имрӯза, ба мо зарур аст, ки дар минтақа фермаҳои махсуси чорвопарварӣ, ташкили базаи хӯроки чорво, рушд додани маҳсулнокии соҳаи чорво, ташкил намудани нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, овардани чорвои хушзотро ташкил намудан зарур аст. Инчунин дар минтақа зарурияти рушд додани парвариши қутос, дар назди хоҷагиҳои кишоварзӣ, ташкил намудани нуқтаҳои қабул ва коркарди пашму пӯстро талаб менамояд. Барои амалӣ гардонидани чорабиниҳо дастгирии давлатии соҳаи мазкур зарур мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Холов Б.Н. Масъалаҳои заминистифодабарӣ дар шароити ислоҳоти кишоварзии Тоҷикистон.-Душанбе:«Эрграф», 2011.- Саҳ. 90.

2. Азизов Ф.Х., Умаров Ҳ.У. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики.- Москва: Экономическое образование, 2018.- С. 87.

3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Кишоварзии ҶТ. -Душанбе, 2020.- Саҳ. 326-327.

4. Петриков А. Дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар КАС ва рушди деҳот //КАС: иқтисод, идора.- 2001.- №3.- Саҳ. 12.

5. Смит А. Пажӯҳиш оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо.-М.: Наука, 1993. - Саҳ. 87.

6. Найт Ф.Х. Таваккал, номуайянӣ ва фоида. М.:«Дело», 2003.- Саҳ. 260.

7. Донахонов И. С. Соҳибкории аграрӣ дар шароити бозор// Васоити таълимӣ.- Душанбе: «Ирфон», 2011.- Саҳ.45-46.

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти замин. 5 марти 1992.№594.

9. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2016-2020. Тахти № 36 аз 30.10.2015.- Саҳ. 4-9. Маълумотҳои таҳлилии Барнома то 01.01.2020 сол.

10. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020. Таҳти № 65 аз 30.10.2015.- Саҳ. 5-10. Маълумотҳои иҷроиши Барнома то 01.01.2020. Омори вилояти Суғд (захираи электронӣ) http: // www. Stat-sugd.tj, 2019.- Саҳ. 11-16.

11. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ барои солҳои 2016-2020. Таҳти № 25 аз 30.10.2015, маълумотҳои таҳлилии Барнома то 01.01.2020. – Саҳ. 6-8. Омори вилояти Суғд (захираи электронӣ) http: // www.Stat-sugd.tj, 2019.- Саҳ. 93-97.

12. Шарифов У. Иқтисодиёти кишоварзӣ. Душанбе: «Маориф ва фарҳанг».- Саҳ. 54-56.

15. Одинаев Ш.Т., Ниёзов М.Б. Муаммоҳои навоварӣ сармоягухорӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- 2018.-№ 11.- Саҳ. 31-33.


*Институти иқтисодиёт ва таҳқиқӣ системавии рушди кишоварзии АИКТ*

## СОВРЕМЕННОЕ РАЗМЕЩЕНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА В ЗЕРАФШАНСКОЙ ДОЛИНЕ

***Ш.Т.ОДИНАЕВ, М.Б.НИЁЗОВ***

В статье рассматриваются изменения, произошедшие в размещении сельскохозяйственного производства и возделываемых культур в Зерафшанской долине. Описывается текущее состояние землепользования, положение и проблемы дехканских хозяйств. Изучена необходимость проведения земельной реформы с целью создания новых форм хозяйствования, улучшения уровня и качества жизни, распределения приусадебных земель и их количества.

***Ключевые слова:*** *размещение, сельскохозяйственное производство, дехканские хозяйства, земельные реформы, распределение земель, нехватка поливной воды, инфраструктура региона.*

## CURRENT STATE LOCATION OF AGRICULTURAL PRODUCTION IN ZARAFSHON VALLEY

***SH.T.ODINAEV, M.B.NIYOZOV***

The article examines the changes that have occurred in the location of agricultural production and cultivated crops in the Zarafshon Valley. The current state of land use, the situation and problems of dehkan farms are described. The need for land reform has been studied in order to create new forms of management, improve the level and quality of life, and distribute household land.

**Key words:** *location, agricultural production, dehkan farms, land reforms, land allocation, lack of irrigation water, regional infrastructure*.

***Маълумот барои тамос:***
*Одинаев Шоҳин Талбакович, н.и.и., дотсент муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқӣ системавии рушди кишоварзии АИКТ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734049, кучаи Ҳаёти Нав, 306;*
*e-mail: economic64@mail.ru; тел.: (+992) 918425757;*
*Ниёзов Мирзоюсуф Бобоевич, аспиранти Институти иқтисодиёти ва таҳқиқӣ системавии рушди кишоварзии АИКТ; e-mail:usuf93.93@mail.ru; тел.: (+992) 927747122*

ТДУ 339.13: 637.5

## ТАШКИЛИ КЛАСТЕРИ СОҲАИ КАРТОШКАПАРВАРӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

***К. Ю. ҚУРБОНОВ, Б. А. БАДАЛОВА***

*(Пешниҳоди академики АИКТ Ҷ.С. Пиризода)*

**Муаллифон кластери соҳаи картошкапарвариро ҳамчун технологияи нави идоракунӣ баррасӣ менамоянд, ки вай қобилияти ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварии бо ҳам алоқаманд ва мувозинати манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди технологиро таъмин менамояд, шароитро барои баландшавии самаранокии истеҳсол ва фурӯши картошка муҳайё созад ва инчунин рушди**

**мунтазами ҳамаи унсурҳои ин кластерро таъмин менамояд. Ташкили кластери соҳаи картошкапарварӣ дар вилояти Суғд яке аз шартҳои баландбардории бартарии рақобати истеҳсоли картошка ва интенсификатсияи механизмҳои давлатӣ ба шумор меравад. Ташкил ва васеъкунии робитаи хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ, харидорон, унсурҳои инфрасохторӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-татқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ғайра аҳамияти калон дорад. Ноил шудан ба ин ҳамкориҳо, бо назардошти ҳама талабот ва хусусиятҳои парвариши картошка, таносуби оптималии ҳамаи омилҳои истеҳсолот метавонад самаранокии соҳаро ба таври назаррас баланд бардошта, ба сатҳи зарурии мустақилияти озуқаворӣ сабаб гардад. Дар натиҷаи ташкили кластери пешниҳодгашта дар вилояти Суғд рақобатнокии истеҳсоли картошка дар бозорҳои хориҷӣ ва ҳалли таъмини аҳолӣ бо картошкаи аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ мусоидат менамояд.**

***Калимаҳои калидӣ:*** *кластери соҳаи картошкапарварӣ, унсурҳои кластер, хоҷагиҳои картошкапарвар, самаранокии истеҳсолот, марҳилаҳои ташкил.*

Дар замони имрӯза қонеъ намудани эҳтиёҷоти рӯзафзуни аҳолии вилоят ва кишвар бо картошкаи сифатноки аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ, таъмини тарзи ҳаёти солим, рақобатпазирии картошка ва маҳсулотҳои аз он тайёр кардашуда бо мақсади таъмини устувории мавқеъ дар бозор, ба содирот баровардани ин маҳсулот, фаъолкунии истифодаи технологияи истеҳсолию навоварӣ, камкунии хароҷотҳо, мустаҳкамкунии муносибати байни истеҳсолоту илм, сохтори давлатии идоракунӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, яке аз масъалаи муҳим дар вилояти Суғд мебошад.

Таҷрибаи давлатҳои рушдёфтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала, ки ба рушди ин соҳа оварда мерасонад ташкили кластери (иттиҳоди) соҳаи картошкапарварӣ ба ҳисоб меравад [1, с. 268].

Кластери соҳаи картошкапарварӣ ин гурӯҳи корхонаҳои кишоварз-зии махсусгардонидашудаи аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҳамҷоякардашуда, ки дорои мақсад ва вазифаи монанд дар доираи истеҳсолоти ягона, навоварӣ, илмӣ ва дигар фаъолиятҳо буда, барои мустаҳкам намудани бартариҳои рақобатии ҳар як аъзои иттиҳод ва кластер равона карда шудааст. Барои ташкили ин кластер омилҳои зерин муҳим мебошанд: мавқеи ҷойгиршавӣ; сатҳи махсусгардонии истеҳсолот; шумораи иштирокчиён дар кластер (субъектҳои хоҷагидор); сатҳи рақобат дар доираи иттиҳод; сикли фаъолияти кластер ва мақсади асосии он (вазифа); фаъолнокии навоварӣ ва иҷтимоӣ. Иштирокчиёни кластери соҳаи картошкапарварӣ инҳо шуда метавонанд: хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ; хоҷагиҳои тухмипарварӣ; муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки ба омӯзиши масъалаи картошкапарварӣ машғуланд; муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун ва самтҳои таҳсил; корхонаҳои коркарди картошка; намояндагони соҳаи савдо; ташкилотҳои нақлиётӣ ва ғайра [2, с. 229].

Қайд намудан зарур аст, аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки кластери соҳаи картошкапарвариро ба роҳи маъмурӣ ташкил кардан ғайри-имкон аст [3, 4]. Кластери соҳаи картошкапарварӣ танҳо дар сурати пайдо шудани заминаҳои объективие, ки ҳавасмандӣ ва алоқаи иқтисодии байни хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ ва рушди инфрасохтори ягонаи истеҳсолӣ ва иттилоотиро муайян мекунанд, ташкил карда мешавад.

Ба фикри мо модели ташкили кластери соҳаи картошкапарвариро дар вилояти Суғд, ки чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 1), ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад: Мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Суғд; маркази инноватсионӣ-иттилоотӣ-машваратӣ; молистеҳсол-кунандагони шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ; ташкилотҳои ҷамъиятӣ; корхонаҳои коркарди картошка; пажуҳишгоҳҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ; маркази логистикӣ оид ба тақсимоти картошка; анборҳои махсус барои нигоҳдории маҳсулот; ташкилотҳои савдо; истеъмолкунандагони дохилӣ; истеъмолкунандагони беруна.



Расми 1. **Модели ташкили кластери соҳаи картошкапарварӣ дар вилояти Суғд (пешниҳоди муаллифон)**

Ҳар як унсурҳои тавсияшуда - вазифа, мақсад ва талаботҳои мушаххаси худро доранд. Мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Суғд яке аз унсури асосии кластер ба шумор меравад, ки вазифаи асосии он назорат аз рафти фаъолияти кластери мазкур буда, барои амалӣ гаштани ташкили кластер мавқеи хосеро ишғол менамояд. Субсидия ва системаи қарзӣ, фоизи қарзҳо, андоз аз амвол, нақлиёт ва ғайраҳо имтиёзҳо пешниҳод менамояд. Ҳамзамон ба уҳдааш воситаҳои зарурӣ барои таъмини рушди инноватсионии кластерӣ вогузошта шудааст.

Барои кластер маркази инноватсионӣ-иттиллоотӣ-машваратӣ таъмини иттилооти зарурӣ оид ба рушди соҳаи картошкапарварӣ, ҷорӣ намудани инноватсияҳои замонавӣ ва ташкили машваратҳо, ки дорои захираҳои илмӣ, зеҳнӣ буда, барои татбиқи технологияи инноватсионӣ дар соҳаи картошкапарварӣ зарур мебошад, пешбинӣ шудааст. Ҳадафи асосии ин марказ коркарди маълумотҳо оид ба фаъолияти кластери соҳаи картошкапарварӣ, баррасии пешниҳодҳо оид ба рушди соҳаи картошкапарварӣ, муайянкунии самтҳои афзалиятноки прогресси илмӣ-техникӣ, инноватсионӣ ва саноатӣ мебошад, ки онҳо ба Мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Суғд пешниҳод карда мешавад ва он имконият медиҳад, ки фаъолияти истеҳсоли картошка ва фурӯши он дар шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ бо роҳи истифодаи фаъолияти инноватсионӣ оптималӣ карда шавад.

Молистеҳсолкунандагони шаҳру ноҳияҳо, ки ба парвариши картошка машғуланд, дар ин кластер яке аз унсури асосӣ ба шумор мераванд. Раванди фаъолияти кластер, аз фаъолияти онҳо вобастагӣ дорад. Мақсади асосии ин унсур муайян намудани хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварии махсусгардонидашуда мебошад, ки рушди соҳаи картошкапарварӣ аз онҳо вобаста аст.

Дар ин кластер пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи

касбӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд, ки онҳо имконияти тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва таъминоти илмию методӣ оид ба амаликунии муносибатҳои инноватсионӣ дар раванди истеҳсоли картошкаро назорат ва таъмин менамояд. Фаъолияти ин унсур аз тарафи маркази инноватсионӣ-иттиллоотӣ-машваратӣ назорат карда мешавад.

Махсусияти ин кластер дар он аст, ки ба таркиби он ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил карда шудаанд, ки онҳо фаъолияти кластерро назорат намуда, муносибати ғайрирасмии байни иштирокчиёни кластер ва истеъ-молкунандагони картошкаро, ки дар замони имрӯза зарур мебошанд, таъмин менамояд.

Ба мақсади ташкили муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ байни хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ ва истеъмолкунандагон, кам намудани хароҷотҳои транзаксионӣ, баланд бардоштани сифат ва пешниҳоди маҳсулот дар бозорҳо, дар ин кластер маркази логистикӣ оид ба тақсимоти картошка ба назар гирифта шудааст. Ин унсур вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд, ки асоситаринаш инҳоянд: мушоҳидаҳои оморӣ ва омӯзиши бозори картошка барои муайян намудани эҳтиёҷоти як қатор минтақаҳо ба картошка; ташкили фармоиш ба картошка дар тамоми сол бо мақсади таъмин намудани истеҳсолкунандагон бо кафолати истеъмолкунандагони беруна; вазифаи тақсимоти картошкаи истеҳсолшуда (дар доираи фармоиш) ва ғайраҳо.

Таҷрибаи давлатҳои рушдёфтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки фурӯши маҳсулотҳо ҳамчун ашъёи хом барои хоҷагиҳои кишоварзӣ он қадар манфиатовар набуда, баъди коркарди он ба фурӯш баровардан самараи хубе медиҳад. Аз ин лиҳоз барои хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ дар ин кластер корхонаҳои коркарди картошка пешбинӣ шудааст, ки вай барои онҳо бениҳоят зарур буда, ба самаранокии фаъо-лияти онҳо оварда мерасонад ва ба рушди ин соҳа мусоидат менамояд.

Дар ин кластер бо мақсади дар давоми сол нигоҳ доштани картошка ва тухмии он, ташкили анборҳои махсус пешбинӣ шудааст. Мавҷудияти ин унсур дар кластер ба камшавии талафоти картошка дар раванди нигоҳдорӣ оварда расонида, дар тӯли сол ташкили фармоиш ба картош-ка бо баҳисобгирии минтақаҳое, ки ба ин маҳсулот ниёз доранд ба нақша гирифта мешавад ва вай кафолати фурӯши картошкаро таъмин менамояд. Қайд намудан бо маврид аст, ки техникаи махсусгардонидашуда ва таҷҳизотҳо барои нигоҳдории картошка, ҳаҷми талафоти картошкаро кам менамояд.

Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ масъалаи фурӯши картошка барои хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ яке аз масъалаи муҳим ба шумор рафта, барои ҳалли он дар ин кластер ташкилотҳои савдо пешби-нӣ шудааст. Вай ба хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ кафо-лати дар вақти зарури харидорӣ намудани маҳсулоти онҳоро таъмин менамояд.

Барои таъмин намудани талаботи аҳолии ҷумҳурӣ, фармоиши корхонаҳои давлатӣ, ки мувофиқи шартнома картошка мегиранд ва шахсони алоҳидаи ҷумҳурӣ, ки ба фурӯши картошка машғуланд, унсури истеъмолкунандагони дохилӣ дар ин кластер пешниҳод шудааст. Меъёри истеҳсоли картошка бо роҳи омӯзиши хусусияти амалкунӣ, имкониятҳои бозори картошка ва дар минтақаҳое, ки дар онҳо норасоии маҳсулот ба назар мерасад, ба нақша гирифта мешавад. Вай ҳамкории зичи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони картошкаро таъмин намуда, ин ҳамкориро бо мақомоти идоракунии сатҳҳои гуногун, раванди истеҳсол ва фурӯши картошкаро новобаста аз андоза ва шакли моликияти истеҳсолкунанда оптималӣ мегардонад.

Барои муайян намудани талаботи ба содирот баровардани ин маҳсулот дар ин кластер унсури истеъмолкунандагони беруна ба назар гирифта шудааст. Ин унсур имконият медиҳад, ки миқдори истеҳсоли картошка барои қонеъ намудани талаботи ба содирот баровардан муайян карда шавад. Меъёри истеҳсоли картошка бо роҳи омӯзиши имкониятҳои бозори картошка ба нақша гирифта мешавад.

Ҳама унсурҳои дар ин кластери соҳаи картошкапарварии вилояти Суғд нишондодашуда бо ҳамдигар алоқаи зич доранд ва барои самара-нокии фаъолияти соҳа кумак менамоянд.

Махсусияти кластери соҳаи картошкапарварӣ дар он аст, ки вай шакли мушаххаси ҳамкорӣ ва ҳамгирой мебошад. Вай ҳамчун низоми ғайрирасмии иқтисодӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад ва хусусияти махсуси идоракунии кластериро доро буда, ба сохтори худ хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои картошкапарвариро дар бар мегирад.

***Калимаҳои калидӣ:*** *ракобатпазирӣ, кластерҳо, истеҳсолоти агросаноатӣ, иқтидорӣ, минтақа, самаранокӣ, маҳсулоти кишоварзӣ.*

## INCREASING THE COMPETITIVENESS OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX BASED ON THE CLUSTER APPROACH ON THE EXAMPLE OF THE KULOB REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***M.K. KASIMOV***

The article discusses scientific approaches to clustering the agro-industrial complex of the Kulob region. The development of theoretical and methodological foundations and practical recommendations for assessing the economic efficiency of the formation of a regional cluster is of paramount importance. The solution of these problems is especially important, since its potential allows to ensure a high volume of production, processing and sale of agricultural products. The structure of the Kulob industrial regional cluster and models of the influence of external and internal factors at the micro-, meso- and macrolevels on the competitiveness of the agro-industrial complex have been developed.

**Key words**: competitiveness, clusters, agro-industrial production, regional potential, efficiency, agricultural products.

***Контактная информация:***
*Касимов Манаим Каримович, ст. преподаватель кафедры «Технология пищевых продуктов» Института технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб;*
*э-почта:manaim.kosimov@mail.ru; Республика Таджикистан, г. Куляб, 735360, ул. С. Сангова, 23*

ТДУ 658.7 + 339.18 + 339.37

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ МАРКАЗҲОИ АГРОЛОГИСТИКӢ ҲАМЧУН ОМИЛҲОИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

*К. Ю. ҚУРБОНОВ, Ф. К. ҚУРБОНОВА*

*(Пешниҳоди академики АИКТ Ҷ.С. Пиризода)*

**Дар мақола асосҳои назариявии ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ ин маҷмӯи объектҳои инфрасохтори логистикӣ мебошад, ки вай дар сохтори худ унсурҳои қабули маҳсулот, коркард, ба навъҳо ҷудо кардан, борҷомакунонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯш, бурда расонидани маҳсулотҳои кишоварзӣ то ба истеъмолкунандагон, инчунин амаликунии хизматрасониҳои иттилоотӣ-аналитикӣ, молиявӣ ва биржаи молиро доро мебошанд. Махсусияти муҳими ташкили чунин марказҳо тамоюл ба ҳамгироии на фақат хизматрасониҳои логистикӣ, инчунин молиявӣ бо мақсади оптималӣ намудани фаъолияти фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ мебошад, ки барои идоракунии раванди тақсимоти онҳо хеле муҳим аст. Муаллифон тасдиқ менамоянд, ки дар натиҷаи ташкили ин марказҳо муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ, коркард, савдо ва истеъмолкунандагон мустаҳкам мегардад. Аҳолии кишвар ва корхонаҳои коркард бо маҳсулоти босифат таъмин ва воридотӣ бошад аз бозори дохила берун бароварда мешавад. Инчунин хароҷотҳои транзаксионӣ коҳиш меёбад, рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулот баланд мегардад, низоми пайгирии маҳсулоти озуқаворӣ, кафолати бехатарии онҳо таъмин карда мешавад, занҷираи назоратшавандаи миёнаравон байни корхонаҳои кишоварзӣ ва истеъмолкунандагон аз байн бурда шуда, имконияти ба воситаи ин марказҳо пешниҳод намудани маҳсулот дар бозорҳо пайдо мегардад.**

***Калимаҳои калидӣ:*** *асосҳои назариявӣ, марказҳои агрологистикӣ, омилҳои рушд, корхонаҳои кишоварзӣ, миёнаравони тиҷоратӣ, хизматрасониҳо ва амалиётҳои амалишаванда дар марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ, хавфҳо.*

Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ масъалаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулотҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани ҳолати молиявӣ, ҷалб намудани сармояи иловагӣ, тақсимот ва фурӯши маҳсу-лотҳои кишоварзӣ, имконияти баромадан ба бозори хориҷӣ барои кор-хонаҳои кишоварзӣ масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, корхонаҳои кишоварзиро водор менамояд, ки талаботи реалӣ ва харидоронро муайян намуда, мувофиқи он маҳсулотҳои рақобатноки кишоварзии заруриро тайёр намоянд, онро дар ҷойи зарурӣ, дар вақти муқаррарӣ ва ба миқдори лозима ҳамлу нақл намоянд.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала, ташкили марказҳои агрологистикии корхона-ҳои кишоварзӣ ба шумор меравад ва он ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ, танзими бозори маҳсулотҳои кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ мусоидат менамояд ва ташкили онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Пайёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 таъкид намуданд 3 [1, с. 15]. Ташкили марказҳои агроло-гистикии корхонаҳои кишоварзӣ имконият медиҳад, ки рушди устувори иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ таъмин карда шавад.

Марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ ин маҷмӯи объектҳои инфрасох-

тори логистикӣ мебошад, ки вай дар сохтори худ унсурҳои қабули маҳсулот, коркард, ба навъҳо ҷудо кардан, борҷома-кунонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ, бурда расони-дани маҳсулотҳои кишоварзӣ то ба истеъмолкунандагон, инчунин ама-ликунии хизматрасониҳои иттиллоотӣ-аналитикӣ ва молиявӣ ва биржаи молиро доро мебошанд.

Мақсади асосии ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ ташкили муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ байни кор-хонаҳои кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, савдо ва истеъмолкунанда-гон, таъмини аҳолии мамлакат ва корхонаҳои коркард бо маҳсулотҳои кишоварзии босифат, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо, ки кафолати бехатарии маҳсулоти кишоварзиро таъмин менамояд, нигаронида шудааст.

Махсусияти муҳими ташкили марказҳои агрологистикии корхона-ҳои кишоварзӣ тамоюл ба ҳамгироии на фақат хизматрасониҳои логис-тикӣ, инчунин хизматрасониҳои молиявӣ бо мақсади оптималӣ наму-дани фаъолияти фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ мебошад, ки ин барои идоракунии раванди тақсимоти маҳсулотҳои корхонаҳои кишоварзӣ хеле муҳим аст.

Модели ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ ба намуди схематикӣ дар расми 1 нишон дода шудааст.

Ташкили оқилонаи марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишо-варзӣ ба ноилшавии афзалиятҳои рақобатпазирӣ ҳангоми фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ мусоидат намуда, мукаммалгардонии савдо, муайянкунии оптималии тақсимот, пурра қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва корхонаҳои саноатии коркардро бо маҳсулотҳои кишоварзӣ таъмин менамояд.

Ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ ба амалишавии хизматрасониҳои муайян оварда мерасонад, ки онҳо дар расми 2 оварда шудаанд

Ин хизматрасониҳои марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ вазифаҳои зеринро амалӣ менамоянд:

• хизматрасониҳои логистикӣ - хариди маҳсулотҳои кишоварзӣ аз корхонаҳои кишоварзӣ, бурда расонидан, қабул, ба навъҳо ҷудокунӣ, коркарди борҷома ва нигоҳдории маҳсулоти воридшаванда, тақсимот, боркунӣ ва интиқоли маҳсулот ба воситаи нақлиёт ба истеъмолкунандагон, ба расмиятдарории хуҷҷатҳои нақлиётӣ ва молиявӣ, ҳамро-ҳӣ намудани маҳсулоти кишоварзӣ, назорати гардиши маҳсулотҳои кишоварзӣ, мониторинги бозор ва банақшагирии фаъолияти нақлиётӣ;

• хизматрасониҳо оид ба коркард - банду баст, борҷома, тайёр намудани маҳсулоти нимтайёр ва тайёр;

• хизматрасониҳои тиҷоратӣ – тақсимотӣ - қабули фармоиш, тайёркунии пешниҳодҳо, ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳо, додани кафолат ба маҳсулотҳои кишоварзии дар анбор буда, ташкили савдо, бастани шартномаҳои биржавӣ, ташкил, назорат ва идоракунии савдои электронӣ ва ғайраҳо;

• хизматрасониҳои иттиллоотӣ - аналитикӣ ва машваратӣ - таъмини дастрасии корхонаҳои кишоварзӣ ва харидорон бо иттиллоот оид ба тендерҳои хариди маҳсулотҳои кишоварзӣ, ҳолати бозори маҳсулотҳои кишоварзӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, аудиторӣ, машваратӣ ва ғайраҳо;

• хизматрасониҳои молиявӣ- иқтисодӣ - суғуртавӣ, қарзӣ, аз он ҷумла лизинг.

Амалиётҳои иҷрошавандае, ки дар марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ амалӣ карда мешаванд дар расми 3 оварда шудааст.

Ба ақидаи мо ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки корхонаҳои кишоварзӣ аз занҷираи изофа ба монанди миёнаравони зиёди тиҷоратӣ раҳо ёбанд, бевосита тибқи ин марказҳо маҳсулоти худро дар бозорҳо пешниҳод харидорон намуда, муаммоҳои асосии ҷойдоштаро ҳал намоянд (расми 4).




Расми 1. **- Модели ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ (пешниҳоди муаллифон)**




Расми 2. **- Хизматрасониҳои марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ (пешниҳоди муаллифон)**




Расми 3. **- Амалиётҳои иҷрошаванда дар марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ (пешниҳоди муаллифон)**




Расми 4. **- Муаммоҳои асосие, ки бо ташкили марказҳои агроло-гистикии корхонаҳои кишоварзӣ ҳал мешаванд (пешниҳоди муаллифон)**

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳамаи давлатҳои рушдёфтаи ҷаҳон корхонаҳои кишоварзӣ диққатҷалбкунии баланди сармоягузориро аз тарафи давлат ва корхонаҳои хусусӣ ва инчунин рақобати шадид ва рушди динамикиро доро мебошанд [7, с. 367]. Ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ имконият медиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ дорои ҷалбкунии сармоя ва дигар компонентаҳо бошанд ва схемаи компонентаҳои фаъолияти онҳо дар расми 5 оварда шудааст.

Талаботи имрӯзаи иқтисодиёти бозорӣ водор менамояд, ки маҳсулотҳои кишоварзии корхонаҳои кишоварзӣ ҷавобгӯи меъёрҳои ҷаҳонӣ бошад. Аз ин сабаб марказҳои агрологистикӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ як қатор талаботҳо пешниҳод менамоянд, ки онҳо дар расми 6 нишон дода шудааст.

Ҳангоми ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ чунин намудҳои хавфҳо пайдо шуданаш мумкин аст, ки онҳоро ба назар гирифтан ҳатмӣ мебошад ва онҳо дар шакли расм овардаанд.




Расми 5. **- Схемаи компонентҳои фаъолияти марказҳои агрологис-тикии корхонаҳои кишоварзӣ (пешниҳоди муаллифон)**




Расми 6. **- Талаботҳои марказҳои агрологистикӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ (пешниҳоди муаллифон)**




Расми 7. - **Намуди хавфҳо ҳангоми ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ (пешниҳоди муаллифон)**

Пайдоиши хавфҳои макроиқтисодӣ бо бадшавии ҳолати иқтисодии миллӣ алоқаманд аст.

Хавфҳои амалиётӣ дар натиҷаи ба иҷрои беинсофонаи кормандони марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ ба вазифаҳои худ ба амал меоянд.

Сабаби пайдоиши хавфҳои молиявӣ эҳтимолияти талафот, хароҷотҳои ба нақша гирифтанашуда ва коҳишёбии даромад мебошад.

Дар ҳолати суст шудани муносибатҳои содиротӣ-воридотӣ ҳамчун натиҷаи имконнопазирии фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ тавассути марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ ба давлатҳои наздисарҳадӣ, хавфҳои бозорӣ пайдо мешаванд.

Хавфҳои сиёсӣ ва сабабҳое ки бо сиёсати берунаи давлат дар соҳаи танзими муносибатҳои содиротӣ-воридотӣ вобаста мебошад, ба амал меоянд.

Ҳамин тариқ, ташкили марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзӣ талаботи замона буда, коҳиш додани арзиши хизматматрасониҳои логистикӣ аз ҳисоби фаъолияти хоҷагиҳо таъмин намуда, дастаи хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд.

Дар натиҷаи ташкил намудани марказҳои агрологистикии корхонаҳои кишоварзии муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ ва истеъмолкунандагон мустаҳкам гардида, хароҷотҳои транзаксионӣ коҳиш меёбад, рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулотҳои онҳо баланд мегардад, низоми пайгирии маҳсулоти озуқаворӣ, кафолату бехатарии маҳсулотҳои кишоварзӣ таъмин карда мешавад, занҷираи назоратнашавандаи миёнаравон байни корхонаҳои кишоварзӣ ва истеъмолкунан-дагон аз байн бурда шуда, имконияти ба воситаи ин марказҳо пешниҳоди маҳсулоти худ дар бозорҳо пайдо мешавад, ки ин боиси ҳавасмандии молистеҳсолкунандагон гардида рушди онҳоро таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Пайёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.01.2021, шаҳри Душанбе.

2. Карх, Д.А. Создание логистических интегрированных распределительных центров сельскохозяйственной продукции на основе

государственно-муниципального частного партнерства /Д.А. Карх, В.М. Каточков, М.П. Морозова //Вестник ЮУрГУ. Серия «Экономика и менеджмент». 2017.-Т. 11.-№ 3.-С. 168–179.

3. Карх, Д.А. Фактор неопределённости среды в управлении логистической системой / Д.А. Карх, Е.Ю. Бармина // Логистика и управление цепями поставок: сб. науч. тр.-СПб., 2017. – С. 46–49.

4. Карх, Д.А. Эффективность межрегиональных связей логистических распределительных центров / Д.А. Карх, М.П. Морозова // Управленец.-2018.-Т. 9.-№ 1.-С. 56–64.

5. Каточков, В.М. О развитии транспортно-логистических центров Челябинской области / В.М. Каточков, Р.С. Турлаев // Трансформации логистических систем в современных условиях: материалы международной научно-практической конференции. – 2015. – С. 121–125.

6. Мазлоев, В.З. Оптово-распределительные центры как основа формирования логистической инфраструктуры АПК / В.З. Мазлоев, М.Г. Озерова // Экономика сельского хозяйства России.-2015.-№ 9.-С. 57–64.

7. Морозова, М.П. Формирование логистических интегрированных распределительных центров сельскохозяйственной продукции /М.П. Морозова // Вестник ВГУИТ.-2017.-Т. 79.-№ 2.- С. 366–371.

8. Морозова, М.П. Интегрированные распределительные центры как одна из форм эффективного сбыта сельскохозяйственной продукции / М.П. Морозова // Известия Уральского государственного экономического университета.-2016.-№ 4.-С. 117–125.

9. Рыкова, И.Н. Роль оптово-распределительных центров в решении проблемы потерь сельскохозяйственной продукции / И.Н. Рыкова, М.А. Смирнов, А.В. Гордеев // Экономика: теория и практика.-2014.-№ 4.-С. 51–56.

10. Савин, Г.В. Проектирование логистических систем: [монография] / Г.В. Савин, Д.А. Карх. – Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2015.-77 с.

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОЗДАНИЯ АГРОЛОГИСТИЧЕСКИХ ЦЕНТРОВ КАК ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

***К. Ю. КУРБОНОВ, Ф.К. КУРБОНОВА***

В статье рассматриваются теоретические основы создания агрологистических центров сельскохозяйственных предприятий, представляющих собой совокупность объектов логистической инфраструктуры, включающей элементы приёма, переработки, сортировки, упаковки, хранения, доставки и реализации сельскохозяйственной продукции, а также предоставления информационно-аналитических и финансовых услуг и товарной биржи. Важной особенностью их создания является тенденция к интеграции не только логистических, но и финансовых услуг с целью оптимизации реализации сельскохозяйственной продукции, что очень важно для управления процессом её распределения. По утверждению авторов в результате создания этих центров будут укреплены экономические и хозяйственные связи между сельскохозяйственными и перерабатывающими предприятиями, торговлей и потребителями. Население страны и предприятия переработки будут обеспечены качественной продукцией, а импортная выведена с внутреннего рынка. При этом снизятся трансакционные издержки, повысится конкурентоспособность продукции, будет обеспечена система отслеживания качества продуктов питания, гарантия их безопасности, устранена цепь посредников между производителями и потребителями.

***Ключевые слова:*** *теоретические основы, агрологистические центры, факторы развития, сельскохозяйственные предприятия, информационно-аналитические и финансовые услуги, конкурентоспособность продукции.*

**THEORETICAL BASIS OF CREATION OF AGROLOGICAL CENTERS AS FACTORS OF DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL ENTERPRISES**

***K. YU. QURBONOV, F.K. QURBONOVA***

The article discusses the theoretical foundations for the creation of agrological centers of agricultural enterprises. Agrological centers of agricultural enterprises are a set of logistic infrastructure objects, which includes in its structure the elements of receiving, processing, sorting, packing, storing, delivering and selling agricultural products to consumers, as well as providing information, analytical and financial services and a commodity exchange. An important feature of their creation is the tendency to integrate not only logistic but also financial in order to optimize the sale of agricultural products, which is very important for managing the process of its distribution. According to the authors, as a result of the creation of these centers, economic and economic ties between agricultural and processing enterprises, trade and consumers will be strengthened. The population of the country and processing enterprises will be provided with quality products, and imported products will be removed from the domestic market. At the same time, transaction costs will decrease, the competitiveness and quality of products will increase, a food tracking system will be provided, a guarantee of their safety, a controlled chain of intermediaries between agricultural enterprises and consumers will be eliminated, and it will be possible to provide their products through these centers in the markets.

**Key words:** theoretical foundations, agrological centers, development factors, agricultural enterprises, information-analytical and financial services, product competitiveness.

***Маълумот барои тамос:***
*Қурбонов Кенҷа Юлчиевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва иртиботии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; e–mail: kendja1959@mail.ru;*
*тел.: 918-41-95-64; Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 734025, хиѐбони Рӯдакӣ, 17;*
*Қурбонова Фарзона Кенҷаевна, ассистенти кафедраи маркетинг ва агробизнеси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур; тел.: 989-11-53-41;*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734017, хиёбони Рӯдакӣ, 146.*

УДК 33:638. 21

**СОҲАИ ПИЛЛАПАРВАРӢ – КАФОЛАТИ РУШДИ ДЕҲОТ**

***А. АКРАМХОНОВ***

*(Пешниҳоди академики АИКТ Ҷ.С. Пиризода)*

**Дар мақола ҷанбаҳои амалӣ намудани ҳавасмангардонии рушди соҳаи пиллапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳокима шудааст. Модели ҳамкории байни давлат, бахши хусусӣ ва бозор, ҳамгироии интегратсионии онҳо барои ташаккули усули иқтисодӣ ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ дар ин соҳаи қадимӣ, инчунин аҳамияти он дар рушди деҳоти кишвар пешниҳод гардидааст.**

***Калимаҳои калиди:*** *пиллапарварӣ, рушди деҳот, ҷанбаҳои ҳавасмандкунӣ, модели муносибатҳо ва интегратсия, усули иқтисодӣ, дастгирии сохибкорӣ.*

**“Соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла аз ҷумлаи ҳунарҳои қадимтарини мардуми тоҷик ба шумор меравад. Пиллапарварӣ хислати мавсимӣ дошта, тибқи анъанаи мардуми тоҷик қариб тамоми аъзои оила ба он машғул мешаванд”[1].** Эмомалӣ Раҳмон

Ҳанӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ 21 ноябри соли 1997 гуфта буданд: *"Бисёр ка-*

*сон мегӯянд: мо тарафдори ислоҳотем, вале ин раванди ногузирро танзим намудан зарур аст, то ки мардум азоб накашад…" [2],* вале дар мудати сӣ соли истиқлоли мамлакат ислоҳоти иқтисодии яке аз соҳаи асоси кишоварзии кишвар, ки кулли аҳолии қобили меҳнати деҳоти Тоҷикистонро дарбар мегирифт, соҳаи пиллапарварӣ дар ҳолати танозул ва буҳрони ҷиддӣ қарор дорад.

Соҳаи кирмакпарварӣ ва истеҳсоли абрешим таърихи ҳазорсолаи миллати тоҷикро дарбар мегирад. Аз ҷумла, дар китоби фарзанди фарзонаи миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" омадааст: *"Миллат бояд аз гузаштаи худ, хоҳ дурахшон бошад, хоҳ тира, сабақ бигирад ва дурнамои ояндаашро муайян бисозад. …мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем…" [3]. Ҳамчунин, дар ин китоб омадааст: "Пеш аз милод кирмакдорӣ ва шоҳибофӣ дар худи Осиёи Миёна ривоҷ меёбад. Суғдиён, ки худашон шоҳибофӣ мекарданду бо абрешимфурӯшон бевосита алоқа доштанд, дар барори савдои Осиёи Миёнаву Византия беш аз ҳама манфиатдор буданд. ...тиҷорати матои шоҳӣ барои бозори Византия, Аврупои Ғарбӣ соли 568, дар солҳои ҳукмронии Хусрави Анӯшервон содир шуда буд" [3].* Ин аст ҳақиқати ҳамгирой, яъне интегратсияи иқтисодии байни давлатҳо, ки аҷдодони мо ...ҳанӯз дар асри миёна ба нуқтаи баланди муошират иқтисодӣ ва сиёсӣ, аз қабили ҳамгироии иқтисодӣ ноил шуда буданд [4], ки мо бояд аз таҷрибаи Ҷумҳурии ҳамсоя Узбекистон оиди пешрафти иқтисодиёт дар бахши ҳамгирои-интегратсионӣ биомузем.

Бояд қайд кард, ки дар аввали соли Истиқлолият 1991-ум истеҳсоли пилла аз 4528 тонна, дар соли 2020 бощад ҳамагӣ 388,2 тонна ё ин, ки нисбати соли 1991 беш аз 91,5 % кам шудааст, истеҳсоли матои абрешимӣ бошад, соли 1991 аз 69,4 млн.м2, дар соли 2018 ҳамагӣ 12,6 ҳазор метри мураббаъ [5] истеҳсол шудааст, ки нисбати соли 1991-ум 99,9% кам мебошад [6] ва дар нақша омадааст:

Диаграммаи истеҳсоли пилла ва матои шоҳӣ солҳои 1991–2020




Ин маълумоти оморӣ аз фаъолияти паст ва буҳрони ҷиддӣ дар соҳаи мазкур ва иҷро накардани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва супоришҳои Пешвои миллат аз тарафи сохторҳои марбутаи Ҳукумати мамлакат мебошад, ки яке аз параметри асосии риоя накардани амнияти иқтисодии мамлакат дар солҳои истиқлолияти кишвар аст. Яъне дар маҷмӯъ ягона роҳи барқароршавии соҳаи содиротии миллӣ:-кирмакпарварӣ ин иҷро кардани Паёми навбатии Президенти мамлакат оид ба рушди деҳот [4] барои солҳои 2019–2021 мебошад.

Қобили қайд аст, ки яке аз ҳадафҳои Асосгӯзори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмини амнияти иқтисодии мамлакатамон мебошад, ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 қайд шудааст: *"Зарур аст, ки ба ҳалли ин масъала дар деҳот низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад, зеро беш аз 73 дарсади аҳолӣ дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019–2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карда шаванд" [4],*

Дар бахши самаранокии ин соҳаи миллӣ-пиллапарварӣ бояд гуфт, ки даромаднокии он нисбати тамоми соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии мамлакат даҳҳо баробар зиёд мебошад. Аз ҷумла, агар ашёи хоми он дар соли 1991-ум 4580 [6] тонна аз як ҳосил дар 27–30 рӯзи парвариши кирмак ва ба ҳадди ниҳой, яъне ба матои абрешимӣ–шоҳиворӣ расондан, арзишаш (1м$^2$ матои шоҳи аълосифат ба 100евро = аст!) дар бозори Аврупо беш аз як миллиард евроро ташкил медиҳад. Ҳоло он, ки дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон соҳаи мазкур, аз қабили Чин, Корея, Ҷопон дар як мавсим истеҳсоли 3–4 ҳосили пилларо ба роҳ мондаанд. Бинобар ин, соли 2019 зимни суханронияш Президенти мамлакат дар назди саноатчиён барои ба эътидол овардани соҳаи кирмакпарварӣ қайд кардаанд: *"Имрӯз мебинем истеҳсоли воқеии пилла нисбат ба нишондиҳандаҳои омории он кам аст. Яъне раисони баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ҳисоботи омории худ ҳаҷми истеҳсоли пилларо бо мақсади зиёд нишон додани нақшаи ҷамъоварӣ изофанависӣ мекунанд, чунин вазъият эҳтимоли аз байн рафтани анъана ва таҷрибаву малакаи атласу адрасу шоҳибофиро дорад, ки мо набояд ба он роҳ диҳем" [1].*

Ҳамзамон, иҷрои супориши Сарвари давлат доир ба рушди деҳот имкон медиҳад, ки 3 миллиону 896 ҳазор нафар [4] қобили меҳнати аҳолии деҳоти мамлакат ба парваришу истеҳсол ва коркарди маҳсулоти сохаи стратегӣ–пилла ва сабзавоткорӣ машгул шуда, барномаи давлатии амнияти озукавориро амалӣ намоянд ва ҳамчунин, ба саноатикунонии мамлакат такони ҷиддӣ хоҳад дод, ки ин дар маҷмӯъ, аз кафолати амнияти миллӣ дар бахши иқтисодиёти Ҷумҳурии Точикистон мебошад.

Ҳоло дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба январи соли 2018 [3] аҳолии қобили меҳнат 3 млн. 896 ҳазор нафар ё ин, ки 72 дарсади қобили кори кишварамонро ташкил медиҳад, яъне аҳолии мазкур узви бунаи (хонадон)-и 982 ҳазор 789 нафар мебошад. Бинобар ин, дар асл рушди деҳоти ҷумҳурӣ фақат дар таъмин кардани ҷойи кории аҳолии қобили кори беш аз 3 млн. нафараи деҳот аст, ки ба эътидол оварданаш дар барқарор кардани соҳаи пиллапарварӣ мебошад.

Ҳамчунин, ақаллан 50 дарсад ё ин, ки 295 ҳазор хонаводаи (бунаи) деҳот (дар бахши як оила) барои парвариши кирмак ва истеҳсоли пилла машғул шавад (дар ҷумҳурӣ 46 ноҳияи кирмакпарвар вуҷуд дорад), ки ҳар як оила то 2–3 нафар зиёд қобили корӣ мавҷуд аст. Яъне як оила имконияти парвариш ва истеҳсоли беш аз 100 кг пиллаи хушкро доранд, дар маҷмӯъ, чунин миқдор аҳолии деҳот имкон дорад, ки аз як ҳосил дар ҷумҳурӣ беш аз 20 ҳазор тонна пилла:–ашёи хоми содиротӣ истеҳсол шавад, ки шаш баробар аз истеҳсоли пилла дар солҳои 1990 зиёд мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки такя ба таҷрибаи истеҳсоли пилла нисбати давлатҳои Япония ва Хитой, ки то 3-4ҳосил дар як мавсим гирифта мешавад ба роҳ монда шавад, он гоҳ даромади як оилаи пиллапарварӣ Тоҷикистон дар 4–5 моҳ 6–10 ҳазор доллари амрикоӣ мешавад бо шарте, ки ба аҳоли ба як кг ашёи хоми пилла бо нархи бозоргонӣ 70-100 сомонӣ дода шавад. Айни замон соҳибкорони тоҷик 1кг пиллаи хушкро ба хориҷ бо нархи 50-55 доллар содирот карда истодаанд. Ҳамчунин, дар 3–4 мохи дигар фермер то мавсими оғози пиллапарварӣ дар гармхона ба истеҳсоли сабзавот машғул мешавад. Дар маҷмӯъ, амалӣ кардани ин нақшаи рушди иқтисодӣ хароҷотҳои муайян, ба монанди:

–хароҷоти алтернативӣ–зарурати асоси рушди иқтисодии соҳаи истеҳсоли пилла аз амали кардани инвеститсияҳо дар бахши

интеграцияи иқтисодӣ мебошад, ки афзоиши захираи сармояро таъмин менамояд:

–ё ин, ки шиддатёбии сурати рушди иқтисодӣ танҳо ба воситаи пешрафти технологӣ таъмин карда мешавад:

–рушди истеҳсолои пилла ба пешрафти технологӣ дар истифодабарии ихтироот ва кашфиёти илмӣ асос ёфтааст, ки давлатҳои Шарқ ноил шуданд. Амалӣ шудани ин барнома оиди самаранокии соҳаи пилла дар мисоли як оилаи собиқ колхози “Москва”-и ноҳияи Куйбешев ҳоло ноҳияи А.Ҷоми, ки ба як хоҷагии деҳқонии ”Мирзоҳомид” талуқ дорад мисол шуда метавонад, ки дар диаграмаи зерин пешниҳод шудааст.

Нақшаи самаранокии соҳаи пилла-кирмакпарварӣ дар деҳот дар 1 оила (ҳаз.сомонӣ)




Хоҷагии деҳқонии “Мирзоаҳмад”, ки солҳои 1990 як оила буд, соли қайдшуда ба миқдори 180 кг пилла дар 29 рӯз ҳосил гирифта буд, ки маблағи 2160 рубли (даври шуровӣ) бо арзи сомонӣ 29100 сомонӣ-ро ташкил дода буд. Аъзои оилаи мазкур, ки сармутахасиси собиқ колхози Москва буд аз ҷамоварии пахта дар собиқ колхоз дар мудати 7 моҳи парвариши пахта 1130 руб баробари 14900 сомонӣ соли 2020 ҳақдор шуда аст. Яъне,як оилаи солҳои Тоҷикистони шурови, ки дар даври истиқлолият ба хоҷагии деҳқони табдил дода шудаанд аз истеҳсоли пилла дар як моҳ 198 фоиз ё и ки ду баробар зиёд нисбати ҷамоварии пахта, ки то 6-8 моҳ давом мекунад даромад гирифтааст, ки аз самаранокии соҳаи истеҳсоли пилла нисбати пахтакори шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки айни замон дар тамоми ноҳияҳои водии Вахш ва вилояти Суғд ғайр аз водии Кулоб чунин гармхонаҳо оиди истеҳсоли сабзавот ба роҳ монда шудаистодааст, ки дар онҳо дар моҳи апрел-июл ба истеҳсоли ду ҳосили пилла гирифтан, ки ҳоло дар давлати ҳамсоя Узбекистон ба роҳ монда шуда истодаанд қобили қайд аст!.. .

Бо чунин дастовардҳо соҳаи кирмакварӣ пиллапарварӣ дар сурати ислоҳоти ҷиддӣ гузаронидан ва такя бо усулҳои кирмакварии давлатҳои Шарқ қобили қайд аст. Амалӣ кардани нақшаи мазкур имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз давлатҳои пешрафтаи соҳаи аграрӣ табдил ёфта, ба давлати саноатӣ-аграрӣ мубаддал гардад, ки дар маҷмӯъ, ин амнияти озуқаворнии малакатро таъмин менамояд.

Ҳамчунин, барои саноаткунонии ноҳияҳои пиллапарварӣ мамлакат дар ноҳияҳои мазкур барои ҷамоварӣ ва хушк кардани пилла нуқтаи махсус ба монанди идораи ноҳиявии абрешим (Райшёлк)-ро барқарор карда, барои коркарди ашёи хоми пилла корхонаи саноатии ноҳиявиро таъсис додан зарур аст, ки ба саноатикунонии мамлакат имконият медиҳад.

Аз ин рӯ, ин соҳаи муъҷизаи табиатро бо шарҳи иқтисодӣ барои ноил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати саноатӣ–аграрӣ ва иҷрои супориши Пешвои миллат дар бобати рушди деҳот ин ягона воситае аст, ки ба саноатикунонии мамлакат сабаб мешавад, пешниҳод шудааст.

Ҳамчунин, нақшаи мазкур имкон медиҳад, ки Тоҷикистони аграрӣ-саноатӣ ба давлати саноатӣ-аграрӣ мубаддал гардад, ки дар иқтибос аз суханронии Президенти мамлакат дар назди саноатчиёни кишвар октябри соли 2019 доир барномаи соҳаи кирмакпарварӣ қатъӣ қайд карда буданд: *"Ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар соҳаи кирмакпарварӣ ба кори мавсимӣ ҷалб намудани то 40–50 ҳазор нафар сокинони кишвар лоиҳаи "Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро, ки бо Қарори Ҳукумати мамлакат аз 30 августи соли 2011 тасдиқ шудааст, дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд" [2].* Доир ба ин супориши Пешвои миллат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати ба эътидол овардани соҳаи кирмакпарварии пиллапарварӣ мамлакат Қарори навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2020, №388 "Оид ба Барномаи тараққиёти соҳаи пиллапарварӣ ва коркарди пилла барои солҳои 2020–2024" қабул карда шудааст.

Ҳоло вақти сиёсати иқтисодии кӯтоҳмуддати давлат барои ба эътидол овардани соҳаи кирмакпарварии мамлакат омадааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи саноати мамлакат қатъӣ қайд карданд, ки соҳаи мазкур барқарор карда шавад.

Ҳамчунин, барои арзёбии пурраи соҳаи мазкур, барқарор намудани соҳаи пиллапарварӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳодҳои зерин қобили қабул аст:

–бо сабаби соҳаи пиллапарварӣ соҳаи аграрӣ будан, ки ҳоло ба вазорати саноат вобаста аст, пурра; ба зиммаи Вазорати кишрварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда, шавад;

–ба роҳ мондани ташкили хоҷагиҳои фермерӣ, яъне “хоҷаги фермери” нисбати истеҳсоли пилла;

–Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Пиллаи тоҷик"-ро ба Хадамоти давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил додан зарур аст;

–ҳамчунин, барои барқарор ва ба роҳ мондани истеҳсол ва амалӣ кардани ислоҳоти соҳаи пиллапарварии мамлакат, Барномаи махсус, кабул намуда, тарзи истеҳсоли пилларо чун дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷорӣ намудан, лозим аст;

–барои пешгирӣ кардани изофанависӣ ва ба тартиб давровардани ҳисоботи истеҳсоли пилла, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи тавозунии истеҳсол ва коркарди ин маҳсулотро ба роҳ монда, барои пешгирӣ кардани буридани дарахти тут, ҳисоботи солонаи дарахти тут ва тутзорҳо барои хӯроки пилла гузаронида, шавад;

–Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки дар назди Донишкадаҳои техникӣ ва кишоварзӣ ҳамчунин, дар назди омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ шуъбаи махсус доир ба парвариш ва коркарди пилларо ба роҳ монад;

–барои пешрафти тараққиёти соҳаи пиллапарварӣ, Кумитаҳои андоз ва гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки доир ба андозбандӣ ва боҷи

гумруки ин соҳа пешниҳоди мушаххасро амалӣ намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомали Раҳмон. Баромад дар назди саноатчиён, аз 14 X.-с.2019.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.- қ.2.-С.262.
3. Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон».- С.290.
4. Эмомали Раҳмон. Паём аз 26 декабри соли 2018.
5. TAJSTAT. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 2018.-С. 118.
6. TAJSTA Т.Маҷмӯи оморӣ. 20-солагии Истиқлолият, 2011.- С.14.


*Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан*

## ОТРАСЛЬ ШЕЛКОВОДСТВА – ГАРАНТ РАЗВИТИЯ СЕЛА

***А. АКРАМХОНОВ***

В статье рассмотрены практические аспекты стимулирования отрасли шелководства в Республике Таджикистан. Предложена модель взаимодействия государства, частного сектора и рынка, их интеграции для формирования экономического механизма поддержки предпринимательства в этой древней отрасли, а также значение её в развитии сельских территорий страны.

***Ключевые слова**: шелководство, развитие села, методы стимулирования, модель взаимодействия и интеграции, экономические механизмы, поддержка предпринимательства.*

## SILK INDUSTRY - GUARANTEE OF VILLAGE DEVELOPMENT

***A. AKRAMKHONOV***

The article discusses the practical aspects of stimulating the silkworm industry in the Republic of Tajikistan. A model of interaction between the state, the private sector and the market, their integration for the formation of an economic mechanism for supporting entrepreneurship in this ancient industry, as well as its importance in the development of rural areas of the country is proposed.

***Key words**: silkworm breeding, rural development, incentive methods, interaction and integration model, economic mechanisms, support for entrepreneurship.*

***Контактная информация:** Акрамхонов Акбархон, соискатель Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан;*
*Республика Таджикистан, г. Душанбе, 734025, пр. Рудаки, 89; тел.: 988-03-16-56*

### «ДОКЛАДЫ ТАДЖИКСКОЙ АКАДЕМИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК»

Журнал знакомит читателей с достижениями и передовым опытом в области сельского хозяйства Таджикистана, а также стран ближнего и дальнего зарубежья. Здесь публикуются статьи о результатах завершённых исследований по вопросам агрономии, ветеринарии и зоотехнии, лесного хозяйства, механизации и экономики сельского хозяйства.

Академики и члены-корреспонденты ТАСХН свои статьи направляют непосредственно в редколлегию «Докладов», статьи других авторов печатаются по представлению академиков или членов-корреспондентов ТАСХН, которые берут на себя ответственность за научную ценность статей.

Журнал «Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук» рассчитан на широкий круг научных работников и специалистов, осуществляющих разработку и внедрение новейших технологий в сельскохозяйственное производство республики. Он может служить пособием для преподавателей, аспирантов, магистров и студентов ВУЗов сельскохозяйственного и биологического профиля.

**ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ**

►Статья, предлагаемая к опубликованию, должна быть представлена членом Таджикской академии сельскохозяйственных наук, и сопровождаться письмом учреждения, в котором выполнена данная работа.

► К рассмотрению принимаются рукописи, подготовленные в программе Microsoft Word, распечатанные на белой бумаги стандартного размера А-4 через 1,5 интервала (на одной странице 30 строк по 60-64 знака, шрифт Times New Roman, кегль 14).

► Объём статьи не менее 5 и не более 10 страниц, включая текст, таблицы (не более 3), иллюстрации (графики, рисунки, диаграммы, фото (не более 3), список литературы (не более 10 источников), текст реферата и ключевые слова на русском, таджикском и английском языках.

► На первой странице рукописи, вверху у правого поля указывается раздел науки, которому соответствует статья, строкой ниже у левого поля - индекс универсальной десятичной классификации (УДК), далее в центре - название статьи, под ним - фамилия(и) и инициалы автора(ов), затем отдельной строкой - кем из членов ТАСХН представлена статья.

► Текст должен быть тщательно отредактирован и подписан всеми авторами с указанием фамилии, имени и отчества, учёной степени, занимаемой должности, электронного адреса, телефона. В конце указывается полное название и почтовый адрес учреждения, в котором выполнено исследование.

►Редколлегия принимает к публикации только чёрно-белые иллюстрации. Рисунки, графики, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно на белой бумаге в виде компьютерной распечатки на лазерном принтере с разрешением не менее 300 dpi (точек на дюйм). Кроме того, иллюстрации предоставляются в виде отдельных файлов формата JPEG или TIFF с разрешением не менее 300 dpi (точек на дюйм).

► Единицы измерения приводятся в соответствии с международной системой СИ.

►Формулы и символы печатаются в одном стиле. Занумерованные формулы обязательно выключаются в красную строку, номер формулы в круглых скобках ставится у правого края.

► Выделение греческих и латинских строчных и прописных букв, сокращение слов и т.д. производится в соответствии с общими правилами, принятыми для научно-технических журналов. Трудно различимые в рукописном обозначении буквы и знаки должны быть пояснены на полях или примечаниях.

► На все приводимые таблицы и иллюстрации необходимо давать ссылки.

Повторение одних и тех же данных в тексте, таблицах и графиках недопустимо.

►Ссылки на использованную литературу заключаются в квадратные скобки.

Список литературы располагается в конце статьи (не в виде сносок), нумеруется в порядке упоминания в тексте и оформляется следующим образом:

►Книги: Фамилия и инициалы автора. Полное название книги.-Место издания: Издательство, год издания.-Том или Выпуск.-Общее число страниц.

►Периодические издания: Фамилия и инициалы автора. Название статьи// Название журнала.-Год издания.-Том или Номер.-Первая и последняя страницы статьи.

Ссылки на неопубликованные работы не допускаются.

►Плата с аспирантов за публикацию рукописей не взимается.

►Возвращение рукописи автору на доработку не означает, что статья принята к печати. Исправленный в соответствии с замечаниями текст возвращается вместе с первоначальным вариантом и вновь рассматривается редколлегией.

Датой принятия считается день получения редколлегией окончательного варианта статьи.

►«Доклады ТАСХН» помещают не более двух статей одного автора в год. Это правило не распространяется на академиков и членов-корреспондентов ТАСХН и других академий.

## Порядок рецензирования статей, представляемых в журнал «Доклады ТАСХН»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статьи приводятся в «Правилах для авторов», публикуемых в каждом номере журнала.

Затем статьи рецензируются членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении даётся общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать её после доработки; направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике; отклонить.

Редакция журнала направляет авторам представленных статей копии положительных рецензий или мотивированный отказ.

Статья, нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести необходимые исправления и вернуть в редакцию окончательный вариант, а также электронную версию вместе с первоначальной рукописью. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи до её опубликования.

Рецензии хранятся в издательстве в течение 5 лет.

## БАРОИ ҚАЙДҲО ДЛЯ ЗАМЕТОК FOR NOTES

# ГУЗОРИШҲОИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОКЛАДЫ ТАДЖИКСКОЙ АКАДЕМИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК

# REPORTS OF THE TAJIK ACADEMY OF AGRICULTURAL SCIENCES

# № 1 (67) 2021

Формат 60х84$^{1}/_{8}$. Бумага тип. Печать офсетная.
Усл. печ. л. 12,0. Заказ № 288.
© Оригинал-макет ТАСХН, 2021 г.
734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21а.
Тираж 100 экз.

Отпечатано в типографии ООО «ЭР-граф».
734036, г. Душанбе, ул. Р. Набиева, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com